ФАЪОЛИЯТИ 10 МАКТАБ ДАР СЕ БАСТ. ЧАРО? с.8

ЧЕМПИОНИ ТОҶИК АЗ ЭКВАДОР БО МЕДАЛИ ТИЛЛО БАРГАШТ с.9

ЯК КОНСЕРТИ ТАЪРИХӢ ДАР КӮЛОБ с. 11

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№34 (1493)
24.08.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

Нуриддин Қаюмов:

ТОҶИКИСТОН МЕТАВОНАД 30 МИЛЛИОН АҲОЛИРО БО ҒИЗО ТАЪМИН НАМОЯД, АГАР...



ХУДПАРВАРУ ДАСТНОРАС
Мансаб ширин ё хизмат ба мардум? с.3


НИГАРОНИИ НОБИНОЁН
Соҳибкорон бозори онҳоро танг кардаанд с.5

МУЪМИНОБОД
Камбудиҳо ҳалли худро меёбанд с.6

ҲАМСАРИ ПОЙАФЗОЛДӮЗ
Аз ҳаёти Гулмоҳ Файзалиева дар Хатлон с.10

КАНЗИ ШИФО
5 одате, ки умри инсонро кӯтоҳ мекунанд с.13

ВАРЗИШ
Шикасти аввалини “Истиқлол” дар мавсими нав с.15



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

МАҶМААИ "ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ" БА ИСТИФОДА ДОДА МЕШАВАД

Дар шаҳри Душанбе бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон маҷмааи меъмории "Истиқлолият ва Озодӣ" мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Дар назар аст, ки маросими тантанавии ифтитоҳ 8-уми сентябр доир гардида, сипас бо иштироки гуруҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони шинохтаи кишвар барномаи фарҳангӣ намоиш дода мешавад.

Бино ба иттилои мақомоти шаҳри Душанбе, рӯзи 9-уми сентябр соати 18:00 дар маҷмааи "Истиқлолият ва Озодӣ" барои сокинон ва меҳмонони шаҳр консерти идона доир мегардад. Даромадан ба тамошои консерт ройгон аст.

Маҷмааи меъмории "Истиқлолият ва Озодӣ" дар маркази пойтахт, паҳлуи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ҷойгир аст.

РЕКОРДИ ВОРИДОТИ МОҲӢ АЗ РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН

Аз Новосибирск ба Тоҷикистон миқдори рекордии моҳии яхнӣ фиристода шудааст.

Бино ба иттилои "Росселхознадзор", ширкатҳои Новосибирск ба Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 207,6 тонна моҳии яхнӣ содирот кардаанд. Ин нишондод танҳо марбут ба моҳи ҷорӣ будааст.

Дар моҳи августи соли 2022 корхонаҳои минтақа ба панҷ кишвар маҳсулот фиристодаанд. Танҳо дар давоми як ҳафта - аз 15 то 21-уми август аз вилояти Новосибирск ба хориҷа зиёда аз 250 тонна чунин маҳсулот фиристода шудааст. Илова бар ин, дар гузориши бахши вилоятии "Росселхознадзор" содироти моҳии Русия ба Олмон номбар шудааст. Истеҳсолкунандагони Русия ба ин кишвар 17,1 тонна моҳии яхнӣ фурӯхтаанд.

Қаблан маълум шуда буд, ки тавлиди моҳӣ дар Тоҷикистон дар панҷ моҳи соли 2022 афзоиш ёфтааст. Моҳии сайдшуда зиёда аз 1,4 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33,1 фоиз зиёд аст.

«CHEVROLET SPARK» ВА «NEXIA» ДИГАР ИСТЕҲСОЛ НАМЕШАВАНД

Ширкати «UzAuto Motors» тасмим дорад, ки истеҳсоли мошинҳои тамғаи «Chevrolet Spark» ва «Nexia»-ро қатъ намояд.

Дар робита ба ин ширкати «UzAuto Motors» иттилоъ додааст, ки дар шаш моҳи соли ҷорӣ 160 ҳазор мошин истеҳсол карда, бо талаби фармоишгарон истеҳсоли навъҳои нави мошинҳоро ба роҳ монд.

Бино ба афзоиши фармоиши муштариҳо ба навъҳои муосиртари мошинҳо, ширкати «UzAuto Motors» марҳила ба марҳила ба истеҳсоли навъҳои нави мошинҳо мегузарад. Истеҳсоли мошинҳои тамғаи «Chevrolet Spark» ва «Nexia»-ро бошад, дар охири соли 2022 қатъ менамояд.



Файзулло Машраб Қурбоналӣ, ректори навтаъини Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ. РЕКТОРИ НАВИ ДСРТ КИСТ?

Файзулло Машраб Қурбоналӣ, ки ректори Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъйин гардид, 49 сол дорад. Ӯ дар ин мақом Тоҳир Хоҷазодаро иваз кард.

Номбурда қаблан вакил ва раиси Кумита оид ба иқтисод ва молия дар парлумони кишвар буд. Файзулло Машраб Қурбоналӣ зодаи ноҳияи Балҷувон буда, мактаби миёнаи №6 ба номи А. С. Пушкини ноҳияи Фархорро бо медали нуқра ва соли 1995 факултети банақшагирӣ-иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст. Аз моҳи март то июни соли 1997 дар Маркази тайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии (ЦПНПК) ДДМ ба номи М. В. Ломоносов, солҳои 1997-2000 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи кафедраи «Иқтисодиёти корхонаҳо ва асосҳои соҳибкорӣ»-и ДДМ ба номи М. В. Ломоносов таҳсил карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Особенности инновационной деятельности фирм» дар Шӯрои диссертатсионии Д 501.002.02 ДДМ ба номи М. В. Ломоносов ҳимоя намудааст. Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор мебошад.

Фаъолиятро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намудааст. Муаллифи 6 монография, беш аз 182 мақолаҳои илмӣ ва 18 китобу дастурҳои таълимӣ мебошад. Оиладор, соҳиби панҷ фарзанд аст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Муқимҷон АБДУЛФАТТОЕВ, роҳбари театр-студияи "Хандинкамон"

- Ман назди чанд нафар барои сарпарастӣ рафта, муроҷиат намудам, вале гуфтаҳоям ҳамоно бедастгирӣ ва бенатиҷа боқӣ монд. Як филмномаи ҳаҷвӣ бо номи "Лона" дорем, аммо барои сабти он маблағ лозим аст.

- Як бор ба Раҳими Ғармӣ ҳам муроҷиат накардед? Ҳоло ҳама ба ӯ муроҷиат карда истодаанд-ку!



Мирзовалӣ ШАРИПОВ, омӯзгор аз ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ

- Як шиму костюмро ду сол мепӯшам, вале ҳар сол барои мактаб як куртаву як пойафзол мехарам. Шиму костюми гаронтарине, ки дар солҳои омӯзгорӣ харидам, 450 сомонӣ арзиш дошт. Пойафзолро то 160 сомонӣ харидаам.

- Ана, мешудааст-ку! Боз муаллимон шиква мекунанд, ки маош барои пӯшонидани хароҷоташон намерасад.



Муҳриддин НИЗОМӢ, ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъат

- Бо пайдо гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои санъати ҳаҷв чандин гуруҳҳои хурди ғайрикасбӣ низ ворид гардидаанд. Ин гуруҳҳо чойи санъати касбиро бо саҳнаҳои бемаънию бемантиқ пур намудаанд.

- Як бор таҳлил карда бароед, боз аъзои ҳамон гуруҳҳо Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъатро хатм накарда бошанд...

МАВҚЕЪ



ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА

ФАРРОШ

Нафаре, ки дар дилхоҳ корхона шахси калидӣ аст

Ду рӯз пеш, намедонам сабаб чӣ буд, ки ба фикри фаъолияти фаррошон андармон шудам. Табақае, ки бисёриҳо ба онҳо бо нигоҳи камгирона менигаранд.

Воқеан, фаррошон кистанд? Бархе онҳоро хизматгор меҳисобанд. Аммо нафароне низ ҳастанд, ки аз онҳо озодакор ном мебаранд. Фикр мекунам, ҳамин истилоҳи дуввум рамзи фаъолияти фаррошон ва лоиқи пазироиш аст. Зеро, ягон корхона бидуни фаррош ба дараҷаи стандартӣ поку тамиз буда наметавонад. Аз ин хотир, фаррошро шахси калидии корхона гӯем ҳам, хато намекунем.

Вақте ин андешаҳоро дар корхона мегуфтам, фаррош ба завқ омада, механдид. Чанде хандиду ба ман муроҷиат кард:

- Ако, хезед, ҷоятонро рӯбам!

Дарзамон хестаму шавқи шӯхиям омад:

- Аҷоиботро бинед-а, дар хона занак сад бор “хезед” гӯяд, аз ҷой намеҷунбам, як бор “хезед” гуфтед, парида хестам.

Духтари бало ба шӯхӣ бо шӯхӣ луқма партофт:

- Даркор шавад, “хезед” гӯям, раисатон ҳам парида мехезад!

Баъди ин гуфтугӯ фикрам атрофи мавзӯи фаррошон фаротар рафт. Агар амиқтар андеша намоем, шӯхиҳои номбаршуда воқеият доранд. Ҳамарӯза мушоҳида мекунем, ки вақте фаррош “хезед” мегӯяд, аз коргари қаторӣ то муҳосибу мудиру раис ҳама итоат мекунанд. Ба хотири тозагиву озодагии коргоҳ ва рифоҳи худу дигар кормандон.

Ба ҳамин хотир, нодида гирифтани заҳматҳои фаррош ва ноҷиз шуморидани меҳнати ӯ аз рӯйи адлу инсоф нест. Баръакс, ба ӯ бояд дар самти мутобиқ шуданаш ба кори корхона ва муносибат бо кормандон кумак кард.

Масалан, чаро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натавонад баҳри омӯзиши меъёрҳои ахлоқии фаъолияти фаррошӣ барои фаррошон курсҳои омӯзишӣ ташкил намояд? Ба чунин курсҳо метавон пеш аз ҳама фаррошони муассисаҳои тандурустӣ, бонкҳо ва дигар маҷмааҳои бузурги хизматрасониро ҷалб намуд.

Баъдан, дар қатори дигар самту соҳаҳо озмуни “Фарроши сол”-ро низ роҳандозӣ кардан зарур аст.

Ё лозим нест?

ХУДПАРВАРУ ДАСТНОРАС

Мансаб ширин ё хизмат ба мардум?

Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои кордону лоиқ корест басо мураккабу мушкил. Дар баробари кордону соҳибтахассус будани соҳибвазифаҳо, инсон будан дар мадди аввал меистад. Зеро инсонҳои комил, ки аз сифоти неки одамӣ баҳравианд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба амонат хиёнат намекунанд, дар пешбурди кор оқилу дар муносибат бо тобеъон соҳибтамизанд. Сурат ба ҳеҷ ваҷҳ нишонгари сирати одамият нест ва либоси фохир низ далолат аз одаму одамгарӣ намекунад… Ба қавле, “на ҳар либоси зебост нишони одамият”.

Кадр ва савганд

Фикр мекунам мавзӯи интихобкарда муҳим ва дархӯри ҷомеа аст ва дар навбати худ ҷомеа ниёз ба кадрҳои соҳибтахассус дорад. Ба қавле кадрҳо ҳама чиро ҳал мекунанд. Ба хотири он, ки кадрҳо имкону тавони ҳал кардани ҳама чиро дошта бошанд, мебояд қабл аз интихобу таъйин онҳоро аз элак гузаронд. Зеро, андак хатоӣ дар интихоби соҳибмансаби калидие метавонад латма ба армонҳои миллӣ занад, барои мухолифин сарчашмаи эҷоди туҳмату иғвопароканӣ гардад. Аммо соҳибмансабони соҳибмаърифату кордону уҳдабаро амсоли сутунҳои побарҷову қавианд, ки бинои давлатро аз ҳар гуна боду газанд эмин нигоҳ медоранд.

Вақте зумрае аз мансабпарастон аз садоқат ба миллату Ватан сухан мегӯянд, ростӣ, ки чунин ҷумлаву ибораҳои барои эшон мақбулу дӯстдоштаву обшуста танҳо ба хотири дар ҷоҳу мансаб бокӣ мондан асту бас. Дар муқобили ин зумраи манфиатҷӯ мансабдороне арзи ҳастӣ доранд, ки содиқ ба Ватану миллат ва дар кор соҳибтахассусу кордону уҳдабароянд ва манфиати миллиро болотару волотар аз ҳар гуна манофеи шахсӣ медонанд. Аксарро медонам, ки пайваста аз худ суол мекунанд: “Имрӯз чӣ хизмате ба мардум кардам ва фардо аз ин беҳтару хубтар боз чӣ коре хоҳам кард?”. Бале, мардум низ дар навбати худ чӯёи посухи ҳамин суоланд, ки фалону фалон вазиру вакилу масъуле чиҳати рушди ҷомеа чӣ кори судмандеро иҷро кардаанд?

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қабл аз таъйини кадрҳои нав эшонро ба ҳузур пазируфта, зимни суҳбат таъкидашон месозанд, ки “дар фаъолияти хизмати давлатӣ ҷиддӣ, софдилона ва бо ҳисси баланди масъулият муносибат намуда, манфиатҳои давлату миллатро аз дигар манфиатҳо боло гузоранд, то дар ҷомеа намунаи ибрат бошанд”. Кадрҳои ба вазифаҳо таъйиншуда низ дар навбати худ даст пеши бар гузошта, савганд мехӯранд, ки дар вазифаи худ содиқ хоҳанд буд ва баҳри рушди кишвару ҷомеа саҳми муносиб аз худ ба ёдгор хоҳанд гузошт.



Вақт ва доғи сиёҳ

Аммо бо гузашти моҳу сол - вақт, ки довари ҳақгӯст, собит хоҳад шуд, ки кӣ кӣ аст. Мутаассифона, баъзе аз мансабсоҳибшудаҳо аз мақому манзалати худ сӯйистифода карда, аз чаҳорчӯбаи муқаррарот берун по мениҳанд, даст ба фасодкорӣ мезананд ва ба номи пуршарафи хизматчии давлатӣ доғ мегузоранд, доғи сиёҳ! Борҳо шоҳиди он будем, ки чӣ гуна Пешвои миллат зумрае аз судяҳои фасодкору манфиатҷӯро “бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад”, аз вазифа сабукдӯш кардааст. Чунин амалкардро дар фаъолияти ҳамарӯзаи теъдоде аз руасои шаҳру навоҳӣ низ бараъло мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳар гуна худписандиву манманиҳоро дар баробари оғоз, ба дунбол анҷом низ ҳаст: Бодовардаро ё бод мебарад, ё ин теъдод дар оташи ҷаҳлу ғурури худ сӯхта хокистар мешаванд. Агар ин теъдод ғурури миллӣ дар сар медоштанд, мардум чун резаи нон эҳтиромашон ба ҷо меоварданд... Аммо афсӯс, ки нафси эшон болост...

Дарди бедаво

Тайи рӯзҳои охир, бо ибтикор ва иқдоми Сарвари давлат чанд нафар ба вазифаҳои гуногуни давлатӣ таъйин гаштанд, ки аксарро ҷавонон ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба кадрҳои ҷавон, албатта ба манфиати кор аст. Зеро кадрҳои ҷавону болаёқат, ки бо технологияи навини иттилоотӣ хуб ошноянд, дар татбиқу амалӣ кардани дастуру супоришоти Сарвари давлат ҷиҳати гузаштан ба ҳукумати электронӣ мусоидат хоҳанд кард.

Воқеан ҳам, вақте вазиру вакиле сухандон асту уҳдабарову кордону соҳибмаърифат, дар маҷмуъ ин ҳама аз ояндаи дурахшони давлату миллат дарак медиҳад. Дар чунин даврае, ки буҳрони иқтисодӣ оламро ба доми худ печонидааст, танҳо арзи ҳастӣ доштани кадрҳои ҳушманду соҳибтахассус метавонад кишварро аз ҳар гуна буҳрон наҷот бахшад.

Сарвари давлат зимни ҳар суханрониҳои худ ба таъкид мақомдоронро ҳушдор медиҳанд, ки бештар ба ҷавонони соҳибмаърифат такя карда, дар низоми молиявию бонкӣ бештар бонувону духтаронро ба кор қабул кунанд.

(Давомаш дар саҳ.5)

ҲАМЛАИ ИМА БА НЕРУҲОИ ЭРОН

Ҷо Байден киро метарсонад?

Ситоди фармондеҳии марказии артиши Амрико шоми сешанбеи 23-юми август эълон кард, ки пойгоҳҳои наманизомиёни мавриди ҳимояти ҳукумати Эрон дар Сурия ҳадафи ҳамлаи ҳавоии артиши ИМА қарор гирифтааст.



Ин ниҳод дар хабарномае гуфтааст, ки неруҳои артиши Амрико бо дастури Ҷо Байден, раиси ҷумҳури ИМА "ҳамлаи ҳавоии дақиқе"-ро дар Дейр Аз-Зур анҷом додаанд.

Тибқи ин хабар, ин ҳамлаҳо рӯзи сешанбе анҷом шуд ва ҳадаф аз он "дифоъ ва муҳофизат аз неруҳои амрикоӣ дар баробари ҳамлаҳои монанд ба ҳамлаи 15-уми август алайҳи кормандони амрикоӣ аз сӯи гуруҳҳои мавриди ҳимояти режими Эрон буд".

Пеш аз ин расонаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла хабаргузории "Рейтерз" гузориш дода буданд, ки як муҷтамаи низомии неруҳои эътилоф бо раҳбарии ИМА дар Сурия ва неруҳои мухолифи ҳукумати Башор Асад, ки аз сӯи Амрико ҳимоят мешаванд, 15-уми августи ҳадафи ҳамлаи ҳавопаймоҳои бесарнишин қарор гирифт, аммо талафоте дар пай надошт.

Дар хабарномаи Ситоди фармондеҳии марказии артиши Амрико гуфта нашудааст, ки оё ҳамлаи рӯзи сешанбе талафоте дар пай доштааст ё не. Танҳо гуфта шудааст, ки дар ин ҳамла "зерсохторҳои пойгоҳҳои мавриди истифодаи наманизомиёни вобаста ба Сипоҳи посдорони Инқилоби исломии Эрон" мавриди ҳамла қарор гирифт.


Ситоди фармондеҳии марказии артиши Амрико дар ниҳоят таъкид кардааст, ки "ИМА ба дунболи даргирӣ нест, аммо ба чорабиниҳои лозим барои муҳофизат ва дифоъ аз мардуми худ идома хоҳад дод".

Тибқи гузоришҳо, то кунун ҳукуматҳои Эрон ва Сурия ба ин ҳамлаи Амрико ба Дейр Аз-Зур вокуниш нишон надодаанд. Дар солҳои ҷанги дохилии Сурия ҳукуматҳои Эрон ва Русия аз ҳукумати Башор Асад ҳимоят мекарданд ва Туркияву кишварҳои ғарбӣ аз мухолифони режими Димишқ.

Дейр Аз-Зур - яке аз вилоятҳои стратегӣ дар ҳамсоягии Ироқ қарор дорад ва дар он майдонҳои нафтӣ вуҷуд доранд. Гуруҳҳои наманизомии мавриди ҳимояти Эрон ва неруҳои Сурия назорати ин минтақаро дар даст доранд ва чандин бор ҳадафи ҳамлаҳои ҳавоии Исроил қарор гирифтаанд.

Дабири собиқи НАТО:

ҒАРБ БОЯД АЗ НЕРУҲОИ ЗИДДИ ТОЛИБОН ҲИМОЯТ КУНАД!



Дабири пешини НАТО мегӯяд, сарони ҳукуматҳои ғарбӣ бояд аз касоне, ки ҳоло алайҳи толибон дар Афғонистон меҷанганд, ҳимоят кунанд.

Расмуссен бо бознашри мақолае аз Алӣ Майсам Назарӣ, масъули равобити хориҷии Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон гуфтааст, ки ин як мақолаи муҳим дар мавриди муборизаи ҷабҳаи муқовимат барои тарсими як ояндаи мутафовит барои Афғонистон аст.

Мақолаи Алӣ Майсам Назарӣ ахиран дар маҷаллаи "Форин полисӣ" нашр шуда буд.

Расмуссен ахиран дар саҳифаи твиттерии худ навиштааст: "Ҳукуматҳои ғарбӣ бояд ҳимояташонро аз касоне, ки дар баробари ҳокимияти ваҳшиёна ва саркӯбгари толибон истодагӣ мекунанд, афзоиш диҳанд".

"Ҷаҳон наметавонад Афғонистонро фаромӯш кунад",- навиштааст ӯ.

Фог Расмуссен, дабири кулли пешини НАТО аз ҳукуматҳои ғарбӣ хост, то аз муқовимат ва касоне, ки дар баробари ҳокимияти толибон меҷанганд, пуштибонӣ кунанд.

Дар он мақола Назарӣ аз ҷомеаи байналмилал хоста буд, то аз истодагии ҷабҳаи муқовимат дар баробари толибон ҳимоят кунанд.

Назарӣ дар ин мақола навишт, ки ҷабҳаи муқовимат барои муқобила бо толибон ниёз ба ҳимояти ҷомеаи байналмилалӣ дорад.

Раҳбари Толибон:

ОМОДАЕМ БО АМРИКО БИҶАНГЕМ!

Раҳбари толибон ахиран дар нишасти Қандаҳор гуфт, ки иморати исломӣ омода аст, то бар асоси шариати исломӣ дубора бо Амрико биҷангад.

Ҳибатуллоҳ Охундзода, ки барои дуввумин нишасти Қандаҳор ҳузур ёфт, зимни суханрониаш таъкид кард, ки ҳадафи ҷиҳод иҷрои ин аҳкоми исломӣ буд, аз ин рӯ, "ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҳудуди илоҳӣ намегузарем".

Раҳбари ҳукумати муваққати толибон изҳор кард, ки ҷаҳонён ба хотири таъомул ва машруъияти байналмилалӣ ва ба номи ҳуқуқи башар мехоҳанд ҳудуди исломӣ иҷро нашавад, "аммо дар ҳар сурат мо ин ҳудудро иҷро мекунем".

"Ман хоҳони чунин машруъият ва таомулоте нестам, ки шариати исломиро надошта бошад ва иҷро нашудани ҳудудро дар таъомул бо дунё намепазираму дубора бо онҳо меҷангам",- гуфт ӯ.

Вай гуфт, ки Амрико барои ҳокимияти демократӣ дар ҷаҳон талош мекунад, аммо дар Афғонистон ҷое барои он вуҷуд надорад.

Раҳбари ҳукумати муваққати толибон афзуд, ки "агар бархилофи шаръи ислом таъомул кунем, ҳамаи мардум бояд роҳи худро ҷудо кунанд, зеро ҳадафи ҷиҳод иҷрои ин аҳкоми исломӣ буд".



БРИТАНИЯ БО РУСИЯ МЕҶАНГАД?

Афсари баландпояи артиши Британия Пол Карни аз низомиён даъват кард, ки ба ҷанги эҳтимолӣ бо Русия омодагӣ гиранду наздиконашонро низ омода созанд.

Сарбозони британиёӣ бояд хонаводаҳои худро огоҳ кунанд, ки метавонанд ба ҷанг бо Русия фиристода шаванд.

Ин пешниҳодро афсар Пол Карни аз тариқи маҷаллаи расмии артиши Британия - "Soldier" баён дошт.

Ӯ афзуд, ки неруҳои Британия дар ҳоли ҳозир барои муқобила бо таҳдиди Русия омодагӣ мебинанд ва омодаанд ба ҳар гуна таҷовуз мукобилат кунанд.

ҚУРЪОНИ НОДИРРО КӢ ДУЗДИД?

Дар Намангон ду марде, ки шаби 10-уми август нусхаи дастнависи Қуръони каримро аз маҷмааи "Султон Увайси Қаранӣ" дуздида буданд, боздошт шуданд. Дар ин бора хабаргузории "Фергана" бо истинод ба хадамоти матбуоти РКД-и минтақа иттилоъ медиҳад.

Нусхаи дуздидашудаи Қуръони Карим аз абрешим соли 1874 тайёр шудааст. Баландии китоб 74 сантиметр буда, бараш 51 сантиметр ва ғафсиаш 12 сантиметрро ташкил медиҳад. Дар ҳар кадоме аз 426 саҳифаи китоб 13 сатр оятҳо навишта шудааст.

- Нусха ба ҷояш баргардонида шуд,- менависад манбаъ.

АФЗОИШИ ҲУКМИ ҚАТЛ ДАР ЭРОН

Созмонҳои мухталифи ҳуқуқи башар мегӯянд, ки танҳо дар ҳафтаи охири моҳи июли соли ҷорӣ дар Эрон 32 нафар, аз ҷумла се зани муттаҳам ба куштори шавҳаронашон ба эъдом маҳкум шудаанд. Дар ин бора BBC иттилоъ додааст.

Созмони Ҳуқуқи башари Эрон гузориш додааст, ки дар шаш моҳи аввали соли 2022 дастикам 251 нафар, аз ҷумла 6 зан ва 67 ақаллияти балуҷ эъдом шудаанд.

Ин нисбат ба теъдоди эъдомҳо дар ҳамин давраи соли 2021, ки 117 нафар эъдом шуда буданд, ду баробар бештар аст.

НИГАРОНИИ НОБИНОЁН

Соҳибкорон бозори онҳоро танг кардаанд





Дар ҷомеаи имрӯз зиёд ба талбандагоне рӯ ба рӯ мешавем, ки дасти гиро, пойи равон, чашми бинову гӯши шунаво доранд, аммо ба талбандагӣ рӯ овардаанд, аниқтараш, одат кардаанд.

АКРАМ БОБОКАЛОНОВ МЕГӮЯД, КИ СОЛҲОИ ҚАБЛӢ ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ АЪЗОИ ҶАМЪИЯТИ НОБИНОЁН ГУСТУРДА БУД. МОЛИ ИСТЕҲСОЛКАРДАИ ОНҲО ҲАМ БА БОЗОР БАРОВАРДА МЕШУД ВА ҲАМ ФАРМОИШГАРОН ОМАДА МЕБУРДАНД. АММО СОЛҲОИ ОХИР БОЗОРИ ОНҲОРО СОҲИБКОРОН ТАНГ КАРДААНД.

Аз талбандагӣ ҳазар мекунем

Гоҳо бо нафароне низ рӯ ба рӯ мешавем, ки нуқсонҳои модарзодӣ доранд ё бо сабабҳои дигар иллатӣ шудаанд, вале бо вуҷуди ин, бо меҳнати ҳалол нон ёфта, зиндагӣ мекунанд.

Яке аз чунин нафарони рӯшандил, яъне нобино директори Маркази тавонбахшии иттиҳодияи миллии нобиноён дар шаҳри Хуҷанд Акрам Бобокалонов мебошад. Ин мард бо вуҷуди нобино будан ниятҳои зиёд дорад ва кӯшиш дорад, ки барои амалӣ намудани онҳо роҳу роҳбароне пайдо кунад, то ҳамтақдиронашро бо ҷои кор таъмин созад.

Акрам Бобокалонов масъулияти роҳбарии 50 нафар кормандони Маркази нобиноёни шаҳри Хуҷандро бар дӯш дорад ва худро аз нафарони комилан солим кам намешуморад. Шукргузорӣ мекунад, ки Худованд ӯро аз чашми бино кам карда бошад ҳам, аз пойи равону дасти гиро бенасиб нагардонидааст. Ӯ бо меҳнати ҳалол ва тавони худ нон ёфтану зиндагӣ карданро шиору сармашқи кори худ қарор додааст.

“Пайваста ба кормандонам мегӯям, ки асло рӯ ба талбандагию тамаъҷӯӣ наоранд. Зеро барои инсон талбандагӣ амали пасттарин аст. Шахс хоҳ солим бошад, ё хоҳ имконияти маҳдуд (ҷуз барҷомондагӣ ва девонагӣ) дошта бошад, бояд кӯшиш кунаду нонашро ёфта хӯрад. Меҳнати ҳалол кунад. Мо аз талбандагӣ ҳазар мекунем”,- афзуд Бобокалонов.

Бозорамонро танг карданд

Бобокалонов мегӯяд, ки кормандони ӯ ҳар ҳафта се рӯз ба кор меоянд ва ба истеҳсоли ду намуди халта машғул мешаванд. Ба гуфтаи ӯ, солҳои қаблӣ доираи фаъолияти корияи аъзои ҷамъияти нобиноён густурда буд. Онҳо ба истеҳсоли ресмончаҳо, матоъҳо барои пояндоз ва халтаҳо машғул буданд. Моли истеҳсолкардаи онҳо ҳам ба бозор бароварда мешуд ва ҳам фармоишгарон омада мебурданд. Аммо солҳои охир ҳамагӣ ду намуди халта истеҳсол мекунанду халос.

Сабабро Бобокалонов дар бозори онҳоро танг кардани дигар соҳибкорон медонад. Ба гуфтаи ӯ, мутобиқи қонунҳои ҷории кишвар, аслан моли истеҳсолкардаи афроди нобиноро набояд дигарҳо истеҳсол кунанд, аммо солҳои охир дигар корхонаҳо маҳсулоти пештар истеҳсолмекардаи кормандони Ҷамъияти нобиноёни шаҳрро истеҳсол ва бозори онҳо танг кардаанд.

Русия талабгор аст

Муовини маркази ҷамъияти нобиноёни шаҳри Хуҷанд Абдусаттор Ҷалолов маъюби гуруҳи якуми чашм аст. Номбурда роҳбари қаблии маркази нобиноёни шаҳри Хуҷанд аст ва аз сабаби расидан ба синни нафақа, ҳоло вазифаи муовинро ичро мекунад. Аз рӯи нақли ӯ, замони шӯравӣ фаъолияти марказ хеле густурда буд ва наздики 500 нафар дар он кор мекарданд.

Он солҳо марказ дар наздикии “Автовакзал”-и шаҳр ҷойгир буд ва барои бошандагон нақлиёти дохилишаҳрӣ мушкил надошт. Аммо вақте онҳоро ба маҳаллаи 27-уми шаҳр кӯчониданд, аз сабаби дурии роҳ, камбуди нақлиёти дохилишаҳрӣ, ба синни нафақа расидан ва дигар омилҳо сафи кормандон якбора кам шуд.

Солҳои шӯравӣ молҳои истеҳсолкардаи кормандони Ҷамъияти нобиноёни шаҳри Хуҷанд 60-70% ба Русия содирот мешуд ва барои онҳо, ки худмаблағгузор ҳастанд, хушҳолӣ буд. Аммо имрӯз дастрасӣ ба техникаҳои лозима, ашёи хом мушкилоти онҳост, ки аз 475 нафар аъзо ҳамагӣ 45 нафар, яъне 10% ба кор ҷалб шудаанд.

Нобиноён, чун ҳамаи дигар шаҳрвандони дорои имконоти маҳдуди Тоҷикистон замони душвореро паси сар мекунанд. Бемории ҳамагир ва бекорӣ вазъи иҷтимоии онҳоро бадтар кардааст. Аъзои ҷамъияти зикршуда, ки дар як ҳафта се рӯз ба кор мебароянд, ҳамагӣ 200 сомонӣ маош мегиранд. Нафақаҳои онҳо аз рӯи маъюбият муқаррар гардидааст. Дар ин замони қимматии нархи маҳсулот дар бозор яқинан маош ва нафақаи онҳо нокифоя аст барои зиндагӣ.

Аксари нобиноён меҳоҳанд, ки кор кунанд, аммо ҷои кор ёфта наметавонанд. Роҳбарони корхонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, ки дар назди ҷамъиятҳои нобиноёни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд амал мекунанд, набудани ҷойҳои кориро бо имкониятҳои маҳдуди корхонаҳо алоқаманд медонанд. Онҳо мегӯянд: ”Мо шуморо ба кор мегирем, агар ба маҳсулоти истеҳсолшудаи мо талабот пайдо шавад!”.

Ба ақидаи аксари коршиносони бахши ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, масъалаи таъмини шаҳрвандони бекори имконоташон маҳдуд бояд дар сатҳи ҳукумати ҷумҳурӣ баррасӣ гардад.

Ҳукумат бояд иқтидор ва таҷҳизоти бахши саноатии кишварро ҳамаҷониба омӯхта, фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватаниро бо назардошти ба кор ҷалб кардани шахсони имконоташон маҳдуд ҳамоҳанг намояд. Илова бар ин, ба кишвар ворид кардани маҳсулоте, ки монандашон дар корхонаҳои ватанӣ бароварда мешавад, манъ карда шавад. Ҳамзамон, барои беҳсозии сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи чунин корхонаҳо бо ҳар роҳ бояд мусоидат кард.

Баробари роҳанзодии масъалаи болозикр, эҳтимол даҳҳо мушкили қишри нобинову ношунавои ҷомеаи мо ҳалли худро пайдо кунад.



Фарзона МУРОДӢ,
ш.Хуҷанд

ХУДПАРВАРУ ДАСТНОРАС

(Аввалаш дар саҳ.3)

Як дарди бедаво - ёру ошнову маҳалбозӣ теъдоди аъзами соҳибмансабҳоямонро сироят кардааст, ки мақоли халқии “Аввал хешу баъд дарвеш”-ро шиори фаъолияти ҳамарӯзаи худ кардаанд. Маҳз фаъолияти манфиатчӯёнаи чунин силсилатаборони мақомдор аст, ки корхонаву муассисаҳо аз фаъолият бозмондаанд. Инро дар тачрибаи чанде аз бонкҳои кишвар хуб мушоҳида кардем, ки ҳоҷат ба шарҳ нест.

Коҳиши донишҷӯёну афзоиши муҳоҷирон

Ҳамасола садҳо нафар аз донишҷӯён макотиби олии кишварро бо ихтисосҳои гуногун хатм мекунанд. Аксарро музди меҳнати ба талаботи рӯзгору ҷайб ҷавобгӯ набуда қонеъ намесозад, ки рӯ меоранд ба тичорату савдо ва ё муҳоҷират. Солиёни пеш сафи довталабон ба макотиби олӣ хеле зиёд буд, чунки бо ин роҳ донишҷӯён муфт худро аз хизмати аскарӣ дур мекарданд. Акнун, ки қонуни даъват ба аскарӣ 180 дарача тоб хӯрд, сафи донишҷӯён коҳиш ёфта, баръакс сафи муҳоҷирон афзудааст. Хуб, ин ҷо, фикр мекунам, нақши асосиро сифат бояд бозад, на миқдор. Аз миқдори зиёди донишҷӯёни мактабхатмкардаи дипломдори ҳавасакии бечойи кор чӣ манфиат ба миллат мерасад? Бигузор хатмкардаҳо камтар бошанду сифатан хуб, соҳибдонишу соҳибистеъдод, то миллат баҳра барад. Ва албатта муҳимтар аз ҳама, таваҷҷуҳи хоса ба соҳибмаърифатии кадрҳост, на ба маҳалу ёру ошно. Танҳо он вақт миллат миллати побарҷову қавию соҳибирода мегардад, ки ҳама ангуштони як мушт гашта, Тоҷикистонро ободу хуррам месозанд. Ва мақсаду мароми Сарвари давлат ҳам ҳамин аст...

Ин сатрҳоро иншо мекунаму лаҳзае аз зиндагиномаи нависандаи рус Лев Толстой пеши назар меояд: Вақте Лев Толстой мехоҳад савори қатора шавад, ба ӯ купейи вагонро бо тамоми шароит пешниҳод мекунанд. Толстой рад мекунад ва ба роҳбаладони қатора мегӯяд: “Дар ин дунё ҳама меҳмону муҳоҷир ва мусофир савори қатораи умрем. Чаро худро аз дигарон беҳтар донаму дар ҳуҷраи алоҳида сафар кунам? Бо мардум дар вагони умумӣ хоҳам рафт, зеро ҷузъе аз мардумам...”.

Фикр мекунам, чунин суханони пандомез ишораест ба ҳар яки мо, бахусус ба соҳибкурсиҳо, ки Президенти кишвар пайваста аз онҳо даъват мекунад: “Бо мардум бошед, миёни мардум равед, аз дарди мардум бохабар шавед, дар таъмини зиндагии шоистаи мардум саҳм гузоред...”

Ё хато гуфтам?

Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои “Тоҷикистон”

Андешае доред? Нависед:
tojikiston@pressa.tj



СИПОС БА АБДУЛЛОЗОДА ВА САФАРЗОДА

Бо арзи бемор Қудратшоҳ Оев аз шаҳраки Ваҳдати ҷамоати деҳоти Гули Сурхи шаҳри Истарафшан ба қабули вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода омадем. Қабули беморон бо тартиби муайян, бо иштироки масъулон, зери сарварии вазир оромона, бо муомилаи хуб, хоксоронаю боэҳтиромона сурат мегирифт.

Муроҷиаткунандагон дар қабулгоҳ нишаста, як-як дарди дили худро ба вазир баён мекарданд. Дарҳол ба масъули соҳа аз тарафи Ҷамолиддин Абдуллозода супориш дода мешуд, ки дар доираи талабот муроҷиати шаҳрвандро ба иҷро расонанд. Шаҳрванд ҷавоби муроҷиати худро гирифта, хурсандона аз қабулгоҳ мебаромад.

Вақте ки арзи бемор Оев Қудратшоҳро шунид, оид ба аниқ намудан, ташхиси беморӣ ба сарвари бемористони марказии шаҳр (бо номи беморхонаи советский) Сафарзода Абдулло, ки дар он ҷой ҳузур дошт, супорида шуд, ки беморро ташхис намуда, дарди ӯро аниқ намояд ва баҳри табобат чораҳо андешад.

Бемор зиёда аз 10 рӯз дар ин ҷо парастории карда шуд, ташхисҳо гузаронида шуда, маслиҳатҳо дода шуд. Бемор аз хизмати кормандони тиббии шуъбаи асаб хеле шоду мамнун гашт ва шукрона аз Пешвои миллат дошт, ки чунин ғамхориро барои ятимону барҷомондагон, эҳтиёҷмандон ташкил намуда, зери назорат гирифтаанд.

Имрӯз арзи сипос ва миннатдории худ ва кулли шифоёфтагони бемористонҳои мамлакатро ба табибони хоксору ҳалим, хираду маънавиёти баланд, донишу маълумоти хуб дошта баён намуда, гуфтаним, ки ҳамеша саломат бошед, дастатон дардро набинад, баҳри табобати беморон ҳамеша дастболо бошед.

Ҷамолиддин ҶАЛОЛИЁН

ЧОПИ ҲИКОЯҲОИ МАРҒУБ БО НОМИ “АЗ САДОҚАТ, АЗ МУҲАББАТ...”


Маҷмуаи ҳикояҳои шавқовару хондании бо номи “Аз садоқат, аз муҳаббат...” дар таҳияи Башир Усмон аз чоп баромад, ки хонандаро ба меҳру муҳаббат ва ростиву садоқат даъват менамояд.

- Бо муҳаббат сухан гуфтан, бо муҳаббат нигаристан, қалби саршор аз меҳр доштану аз он ба дигарон нисор кардан ва дар маҷмуъ, бо муҳаббат зистану аз ҳодисаву рӯйдодҳои олами атроф танҳо зебоиҳоро дида тавонистан... Он чӣ ки бо таҳияи маҷмӯа гуфтан мехоҳем, ҳамин аст,- омадааст дар пешгуфтори китоб.

Башир Усмон бо таҳияи маҷмуаи мазкур муҳаббату садоқатро талқин ва бевафоию хиёнат, сиёҳбиниву сиёҳдилиро мазаммат кардааст. “Аз садоқат, аз муҳаббат...” маҷмуаи масалу ҳикояҳоеро фаро гирифтааст, ки чанд сол қабл бо номҳои “Дидор” ва “Ҳадяи зиндагӣ” нашр шудаву аз ҷониби хонандагон хуб пазироӣ гардида буданд.

Ҳамчунин, гуфтан бамаврид аст, ки дар маҷмуаҳои “Дидор” ва “Ҳадяи зиндагӣ” муаллиф дар баробари мураттиб будан, муаллифи бархе ҳикояҳо низ буд, вале дар маҷмӯаи “Аз садоқат, аз муҳаббат...” ӯ танҳо нақши таҳиягарро иҷро мекунад. Илова бар ин, дар маҷмӯа чанд ҳикояи нав ҳам ҷой дода шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки маҷмӯаи мазкур бо теъдоди 1000 нусха ба чоп расида, ба доираи васеи хонандагон тавсия дода мешавад.



ВОКУНИШ-622

КАМБУДИҲО ҲАЛЛИ ХУДРО МЕЁБАНД

Вокуниш ба мақолаи “99 корхона дар як сол аз кор монд. Чаро?”, ки 6-уми апрели соли 2022, №14 дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба нашр расидааст.



Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод иттилоъ медиҳад, ки масъалаи мазкур дар маҷлиси назоратӣ-истеҳсолии назди раиси ноҳия бо иштироки муовини якум, муовинон, роҳбари дастгоҳи раис, сардорони раёсатҳо, мудирони шуъбаю бахшҳо, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, масъулин вазифадор карда шуданд, ки барои ислоҳи камбудиҳо чораҳои лозимӣ андешанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ноҳия 13 корхонаи саноатӣ мавҷуд мебошанд, ки аз ин миқдор 8 корхона фаъолияти мавсимӣ дошта, 2 адад аз сабаби надоштани маблағи гарон ва рақобатпазир набудани молу маҳсулоти истеҳсолнамуда, куҳна ва фарсуда будани таҷҳизоташон муваққатан фаъолияташон қатъ гардида, 1 корхона самти фаъолияташро тағйир додааст.

Ҷиҳати бунёд намудани корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ба ин васила таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, сохтмони корхонаҳои сангу шағал ва сехи заргарӣ идома дорад.

Ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ - “Саноатикунонии босуръати кишвар” соли сипаришуда корхонаи муштараки шарбатбарории ҶДММ “Тоҷвайн” мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, 40 нафар бо ҷойи корӣ доимӣ ва 100 нафар бо кори мавсимӣ таъмин гардиданд.

Ҳамзамон, дар заминаи ҶДММ “Заркорон” корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод аз ҳама имкониятҳо истифода намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки камбудию норасоиҳои ҷойдошта дар ин самт ҳалли мусбати худро ёбанд.

Лутфия ШАРИФЗОДА,
раиси ноҳияи Муъминобод

“РОҒУН”-РО НАНГУ НОМУС БУНЁД МЕСОЗАД

Бунёди НБО-и “Роғун” орзую омоли халқи тамаддунофари тоҷик буд ва имрӯз ин орзу, ки ба куҳи фатҳнопазир шабоҳат дошт, ҷомаи сабз ба бар мекунад.

Ин нерӯгоҳ парвардаи афкор (идея)-и кулли мардуми сарбаланди тоҷик бо роҳбарию роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дониста мешавад. Созандагӣ яке аз идеяҳои миллии тоҷикон аст ва сохтмони “Роғун”-ро дар ин замина метавон идомаи мантиқии ин идея номид.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ сохтмони НБО бинобар вазъи нооромии чумҳурӣ қатъ карда шуд, ҳарчанд дар ҳолати соли 1993 аллакай баландии сад ба 40 метр расида, масофаи нақбҳои кандашуда 21 километрро ташкил медод. Ҳамзамон, ҳаҷми корҳои баанҷомрасида дар толори мошинҳо ба 70% ва толори трансформаторӣ ба 80% расонида шуда буд. Дар натичаи офати табиии 8-уми майи соли 1993 қисмати болоии сохтмон зери обхезӣ монда, нақбҳо ва толори мошинӣ қисман хароб шуд.

Бо гузашти солҳо сохтмон дар ин мавзеъ ба кундӣ пеш мерафт, аммо бо азму талошҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2008 инҷониб сохтмони нерӯгоҳ аз нав оғоз гардид. Ҳоло корҳои сохтмонӣ хеле босуръат идома дошта, солҳои наздик умеди ягонаи мардум, яъне расидан ба истиқлолияти энергетикӣ амалӣ мегардад.

Мавриди ёдоварист, ки 16-уми ноябри соли 2018 дар таърихи рангину пурмуҳтавои халқи тоҷик саҳифаи нав кушода шуд. Дар ин рӯзи таърихӣ аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон агрегат (чарх)-и якуми Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” ба кор дароварда шуд, ки хурсандии мардумро ҳадду канор набуд.

Воқеан, “Роғун” на танҳо манбаи гармию рӯшноӣ, балки омили муҳими ба кор андохтани садҳо корхонаҳо, иншооти иҷтимоӣ, марказҳои илмию тадқиқотӣ, муҳайё сохтани ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ мебошад.



Эҳёи дубораи ин сохтмони аср аз корҳои бунёдкориву созандагии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад. Ба таъбири дигар, давлати муқтадири шӯравӣ бо буҷаву сарвати тавоноияш ин нерӯгоҳро сохта натавонист ва акнун бо матонату заковати Сарвари давлат ва халқи дар атрофи Пешво муттаҳид ин сохтмони беназир анҷом ёфта истодааст. Ин нерӯгоҳро на қудрату сарват, балки нангу номус бунёд месозад. Нангу номуси як миллат ва Пешвои он, ки маҳбуби ҷаҳониёнанд.

Н. А. АБДУЛМУМИНЗОДА,
Б. А. НАБИЕВ,
устодони ДМТ

PRESSA.TJ
СОМОНДИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Нуриддин Қаюмов:

ТОҶИКИСТОН МЕТАВОНАД 30 МИЛЛИОН АҲОЛИРО БО ҒИЗО ТАЪМИН НАМОЯД, АГАР...

Академик Нуриддин Каюмов 85-сола шуд. Ба табрики олими шинохтаи иқтисод ба манзилаш омадем. Ӯро танҳо, аммо дар ҳуҷраи барҳаво, ки китобҳои зиёде болои мизаш гузошта шуда буданд, дарёфтем. Аслан, суолҳо атрофи шахсият, роҳҳои тайнамудаи академик Нуриддин Қаюмов, вазъи илми иқтисод, омода намудани шогирдон дар ин самт буданд. Аммо суҳбати мо маҷроии дигар гирифт: мушкилоти иқтисод, изофанависи масъулин ва оқибатҳои он...



- Нуриддин Қаюмович, 85-солагӣ муборак!

- Ташаккур, ки фаромӯш накардед. Ҳозир замон дигар шудааст. Имрӯзро медонанду пагоҳ чӣ мешавад, гузашта чӣ буд, намедонанд. Чуноне ки гузаштагони куҳан гуфтаанд, он чӣ мо тавонистем, кардем. Он чӣ накардем, бигзор дигарон оянду беҳтару хубтар анҷом диҳанд. Дар вақташ супоришҳои ҳукуматӣ буд, пешниҳод кардем, амалӣ шуд. Ҳоло нафақагирам. Аммо академикҳо ба нафақа намебароянд, кори илмӣ мекунанд, шогирд тайёр мекунанд. Яъне, вақтро зоеъ намекунам.

- Ҳамоиш бахшида ба 85-солагиатон дар куҷо гузашт?

- Ҳеҷ ҳамоише баргузор нашудааст. Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод кард, аммо рад кардам. Чанд моҳ пеш як додари донишмандам дар як садама ба ҳалокат расид. Хеле ҳалиму меҳрубон буд. Касе ҷойи ӯро гирифта наметавонист. Бинобар ин, ягон ҳамоиш ва хурсандӣ дар дилам намеғунҷид. Агар мешуд, мардум айб мекарданд.

- Аз умри рафта қаноатмандед?

- Инсон ҳеҷ гоҳ қаноатманд намешавад. Хусусан, дар айёми ҷавонӣ доим пешро нигоҳ мекунед, ки кадом корро анҷом диҳед. Дар синну соли муайян боз ба қафо менигаред, ки кадом корро анҷом додаеду кадом амалро не. Агар фикр кунед, имрӯз мушкилот зиёд аст. Масъалаҳои иқтисодиро дар назар дорам. Аммо, рости гап, доир ба муаммоҳои иқтисодиёти кишвар кам ба мо муроҷиат мекунанд. Ҳол он ки, дар вақташ барномаҳои хубро тарҳрезӣ карда будем, ки ба манфиати кишвар ва халқ буданд. Ҳоло, мутаассифона, барномаҳои иқтисодӣ ба таври сарсарӣ тарҳрезӣ ва қабул мешаванд. Оқибати ҳар корро фикр карда, баъд тасмим гирем, беҳтар аст.

- Шумо солҳо мушовири Президент, директори Маркази тадқиқоти стратегӣ будед ва дар дигар ниҳодҳо вазифаҳои масъулро бар зимма доштед. Худро бештар дар куҷо дарёфтед?

- Замони шӯравӣ дар Институти банақшагирӣ. Солҳои дароз директор будам. Кораш вазнин, аммо самаровар буд. Ягон вақти холӣ надоштем. Пайваста кор буд, ки маҳсулашро медидем. Агар нақшаи 5-сола тасдиқ намешуд, аз куҷо тараққиёт мешуд? Ҳамон замон рушди иқтисоди Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои шӯравӣ пешқадам буд. Ҳатто яке аз иқтисодчиёни СММ гуфта буд, ки Тоҷикистон ба қатори кишварҳои тараққикарда дохил мешавад. Баъдан, моро як сӯ гузоштанду гуфтанд, ки ба ҷойи саноат хоҷагии қишлоқ тараққӣ дода шавад. Ҳозир бубинед, ки масъалаи банақшагириро Амрико ба роҳ монда истодааст. Чунки банақшагирӣ яке аз муваффақиятҳои СССР буд. Ҳамин сабаб ҳам шуд, ки СССР дар ҷанги дуюми ҷаҳон ғалаба кард. Инро на танҳо ман, балки хориҷиҳо ҳам мегуфтанд.

- Имрӯз дар иқтисодиёти мо банақшагирӣ вуҷуд дорад?

- Албатта, фикру мулоҳизаҳо мекунанд ва иқтисод пеш рафта истодааст. Дар ҳаҷми 6-7%. Аммо камбудиҳо низ ҳастанд. Чунки сифати кор номаълум аст. Рушд ҳаст, аммо ММД ҳамон тавре ки ҳаст, бокӣ мондааст.

- Баъзан дар мо изофанависӣ мавҷуд аст. Борҳо дар расонаҳо масъулине, ки даст ба ин амал мезананд, мавриди интиқод қарор мегиранд...

- Як ҳодисаро бароятон мегӯям. Дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо коллегия доир шуд ва дар он ҷо собиқ Сарвазири мамлакат Оқил Оқилов ҳузур дошт. Дар коллегия аз тамоми вазоратҳои калидӣ намояндагон даъват шуда буданд. Чандин масъули вазорат, аз ҷумла раиси Агентии омор баромад карданд. Навбат ба ман расид. Он замон гуфтам, ки корҳое имрӯз шуда истодаанд, вақташ меояд, дарди сари Ҳукумат мешавад. Охир, 4 кило истеҳсол кунанду 100 кило нависанд, ин чӣ мешавад? Оқибати ҳар корро фикр кардан лозим аст. Азбаски дар дастам маълумоти оморӣ доштам, бо далел гуфтам. Як мисол овардам. Яке аз пайвандонам дар шаҳри Исфара директори институти истеҳсоли тамоку буд. Нақл кард, ки ба ҳукумати шаҳр маълумот медиҳанд, ки 1 миллиону 500 ҳазор тонна тамоку истеҳол шудааст. Ҳол он ки, маълумот дурӯғ будааст ва завод кор намекунад, дараш қулф аст. Вақте ки маълумот ба ҳукумат мерасад, мегӯянд, ки ин чӣ хел омор, ки бузургтарин корхона дар шаҳр аст. Мегӯянд, ки ин кам аст, 10 миллион нависед. Баъдан ҳисоботи дурӯғ ба ҳукумати вилоят мерасад. Инҷо мегӯянд, ки 10 миллион чӣ аст, 20 миллион нависед. Баъдан ба вазорат ва дар натиҷа ба 50 миллион мерасад. Ана, оқибати изофанависию омори бардурӯғ. Чунин миқёсро зиёданд. Охир ин ҳам ба ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ ворид мешавад. Ин гапҳоро ба Оқил Оқилов ҳам гуфтам. Ӯ ба фикри ман розӣ шуд.

Борҳо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлисҳо изҳор дошт, ки масъулин изофанависиро бас кунанд. Ин амалҳои нангинро нест бояд кард. Вақте ки кор бошад, даромад ва сатҳи зиндагӣ беҳтар мешавад. Ин даромад ба буҷет низ мешавад.

- Аз нигоҳи шумо, мушкилоти иқтисоди Тоҷикистон чист?

- Набудани ҷойи кор ва кам будани маоши моҳона. Ҷои кор бошад, ки мардум ҷалб шаванд. Ҳар як мамлакат шароити худ ва сарчашмаи даромади асосӣ дорад. Масалан, пахта ва алюминийро мегирем. Дар вақташ мо даромади асосиро аз пахта мегирифтем. Ба мо супориш шуда буд, ки таҳлил кунем, ки чӣ қадар пахтаро ба берун бароварда метавонем. Зеро дар дигар мамлакатҳо нест. Баъд аз ин тиллову дигар захираҳои табиӣ меистанд. Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои бойтарини дунё аз ҳисоби захираҳои табиӣ мебошад. Ба табиати Тоҷикистон ғамхорӣ кардан лозим аст.

- Ӯзбекистон ҳаҷми воридоти пахта аз Тоҷикистонро тақрибан се баробар афзоиш додааст. Бино ба хабарҳои охир, дар нимаи аввали соли 2022 беш аз 6,6 ҳазор тонна пахтаи Тоҷикистон аз ҷониби Ӯзбекистон харидорӣ шудааст. Ин хуб аст?

- Ин ҳам камбудии мост. Дар гузашта ба ивази маҳсулоти хом мо аз хориҷ маҳсулоти тайёр мегирифтем. Акнун имрӯз замона дигар шудааст, бояд худамон истеҳсол кунем. Дар комбинати "Текстил" 15 000 коргар дар се баст кор мекарданд. Ҳоло чӣ? Ин рақам ба маротиб кам аст. Магар имкони барқарор кардан нест? Албатта, ҳаст. Пахта, кувваи корӣ, барқ дорем. Фақат ягон маҳсулоти химиявӣ мемонад, ки метавонем аз берун ворид намоем. Вақти он расидааст, ки либоси тайёр истеҳсол кунем. Мо баръакс, пахта медиҳем ва аз берун бо 10 маротиба даромади бештар либос мефурӯшанд. Ин чӣ маъно дорад? Бояд худамон маҳсулоти тайёр истеҳсол намоем. Баъд аз куҷо мардум бой мешаванд? Ин камбудӣ аст, аммо, мутаассифона масъулин сари ин масъала андеша намекунанд.

- Дар суҳбате иброз дошта будед, ки Тоҷикистон имкон дорад 25 то 30 миллион аҳолиро бо ғизо таъмин намояд. Ин андешаи шумо аз рӯи кадом далел аст?

- Бале, захираҳои дохилии Тоҷикистон барои бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ кофиянд. Солҳои 80-уми қарни гузашта, замони раҳбарӣ дар Пажуҳишгоҳи иқтисодии Госплани ҶШС Тоҷикистон Госплани Иттиҳоди Шӯравӣ моро уҳдадор кард, ки имконоти Тоҷикистонро ҷиҳати то чӣ қадар аҳолиро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин намудан аз ҳисоби захираҳои дохилӣ муайян намояем. Он замон мо бо ҷалби вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои илмӣ таҳлилҳо гузаронида, ба хулоса расидем, ки Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои дохилии худ 25-30 млн нафарро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин карда метавонад. Ин ҳам дар ҳоле буд, ки он вақт аҳолии кишвар аз 5 млн нафар зиёд набуд.

Имрӯз бисёр кишварҳои дунё бо қаламрави аз Тоҷикистон камтару аҳолии бештар аз Тоҷикистон аз ҳисоби захираҳои дохилии худ аҳолиашонро бо маҳслуоти ғизоӣ таъмин мекунанд. Агар рӯйи ин масъалаҳо мо ҳам ҷиддӣ таваҷҷуҳ намоем, аз уҳдаи иҷро мебароем.

(Давом дорад)

Мусоҳиб:
Усмон Раҳимзода

МАЪЛУМОТНОМА

Нуриддин Қаюмов олими шинохта, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Ӯ хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дар риштаи иқтисод буда, дар самтҳои сиёсати давлатии иқтисодии Тоҷикистон дар давраи гузариш, назария ва амалияи самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ, барқароршавӣ ва пешрафти иқтисоди бозоргонӣ, асосҳои илмии ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон дар иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолияти илмӣ намудааст.

ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА:

• *Аз вазъи илм дар риштаи иқтисод то олимони оянда. Мушкилот ва нигоҳи академик Нуриддин Қаюмов чӣ гуна аст?*

• *Кадом омилҳо боиси заиф шудан ё пеш нарафтани илми иқтисод шудаанд?*

ФАЪОЛИЯТИ 10 МАКТАБ ДАР СЕ БАСТ. ЧАРО?

Мутаассифона, феълан дар вилояти Хатлон 10 муассисаи таълимӣ дар се баст фаъолият доранд. Вале муассисаҳои таълимие, ки дар ду баст фаъолият доранд ва дар як синф аз 30 то 33 хонанда таҳсил мекунанд, кам нестанд. Ин ҳам дар ҳолест, ки масъулин мегӯянд, мувофиқи меъёр бояд дар як синфхона аз 25 хонанда зиёд набошад.



Акс аз шабакаи интернет

7 мактаб аз себаста ба дубаста гузаштанд

Аз Раёсати маорифи вилояти Хатлон маълумот доданд, ки дар аввали соли таҳсили 2021-2022 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар се баст фаъолияткунанда 17 ададро ташкил мекард. Ба ҳолати имрӯза 3 муассиса аз ноҳияи Фархор, як муассиса аз ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, як муассиса аз ноҳияи Данғара, як муассиса аз ноҳияи Восеъ ва як муассиса аз ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз таълими себаста бароварда шудаанд.

Мутаассифона, ҳанӯз дар шаҳри Кӯлоб 3 муассиса, дар ноҳияи Балҷувон як муассиса, дар ноҳияи Фархор 5 муассиса ва дар ноҳияи Кӯшониён як муассисаи таълимӣ дар се баст фаъолият мекардаанд.

Ғазалшо Сафарзода, сардори Раёсати маориф дар вилояти Хатлон дар суҳбат гуфт, ки масъалаи аз меъёр зиёд будани хонандагон дар синфхонаҳои муассисаҳои таълимӣ дар вақти таҳсил маълум карда мешавад. “Ҳоло дар ин масъала чизе гуфта наметавонем”,- афзуд вай.

То охири сол мушкил 90% ҳал мешавад

Қурбон Ҳакимзода, раиси вилояти Хатлон дар нишасти матбуотии хеш иддао кард, ки то охири соли хониш мушкили дар се баст фаъолият кардани 10 муассисаи таълимӣ то 90 дарсад бартараф карда мешавад. “Дар аввали сол дар 17 муассисаи таълимӣ хонандагон дар се баст таҳсил мекарданд”,- афзуд ӯ. Вай мегӯяд, ки 7 мактаб ба дубаста гузаронида шудаанд.

“Дар чор мактаби дигар сохтмонҳои иловагӣ рафта истодааст. Боварии комил дорам, ки то охири сол мо 90 фоизи ҳамин мактабҳоро ба дубаста мегузаронем. Имконият ҳаст. Бо ҷалби буҷети маҳал дар шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорон ва шариконе рушд”,- афзуд мавсуф.

Дар ҳамин ҳол, Бобоҷон Валиев, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Кӯшониён дар суҳбат гуфт, ки “як муассисаи таълимии мо дар се баст фаъолият мекунад”.

1500 кас хатм кард, 3000 қабул мешавад

Фаридун Саидахмедов, сармутахассиси шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар гуфт, ки “дар шаҳр муассисаи таълимии себаста нест, аммо дар баъзе синфхонаҳои муассисаҳои таълимӣ хонандагон аз меъёр зиёданд. Сабаби асосии зиёд будани хонандагон дар синфхонаҳо - ин афзоиш ёфтани аҳолӣ аст. Солҳои таҳсили 2021-2022-юм 1 ҳазору 517 хонандаи синфи 11 муассисаҳои таълимии шаҳрро хатм карданд. Вале то имрӯз 1 ҳазору 951 кӯдак ба синфи як қабул шудааст. Ҳоло қабул идома дорад ва мутмаинам, ки ин рақам ба се ҳазор баробар мешавад. Агар 30 нафар хонанда дар як синф ҳисоб кунем, 50 синфхона аз соли гузашта зиёд мешавад”.

КОРШИНОСОН МЕГӮЯНД, КИ БО ЗИЁД БУДАНИ ХОНАНДА ДАР СИНФХОНА, ОМӮЗГОР ИМКОНИ БА ДУРУСТӢ ГУЗАРОНИДАНИ ДАРСРО НАДОРАД. ЗЕРО ДАР 45 ДАҚИҚАИ ДАРС ИМКОНИ ПУРРАИ ПУРСИДАНИ ИҶРОИ ВАЗИФАИ ХОНАГӢ ВА ГУЗАШТАНИ ДАРСИ НАВ ҚАРИБ КИ ИМКОННОПАЗИР АСТ. ТАССАВУР КУНЕД, ДАР 45 ДАҚИҚА АЗ ИҶРОИ ВАЗИФАИ ХОНАГИИ 30 ХОНАНДА ЧӢ ГУНА ПУРСИДА МЕШАВАД?

45 дақиқаи дарс бо беш аз 30 хонанда

Коршиносон мегӯянд, ки бо зиёд будани хонанда дар синфхона, омӯзгор имкони ба дурустӣ гузаронидани дарсро надорад. Зеро дар 45 дақиқаи дарс имкони пурраи пурсидани иҷрои вазифаи хонагӣ ва гузаштани дарси нав қариб ки имконнопазир аст. Тассавур кунед, дар 45 дақиқа аз иҷрои вазифаи хонагии 30 хонанда чӣ гуна пурсида мешавад? Боз дарси навро ба шогирдон фаҳмонидан лозим. Бехтар аст, ки масъулин бо ҷалби сармояҳои гуногун ва саҳми падару модарону ҳиссаи соҳибкорон ба бунёди биноҳои иловагӣ таваҷҷуҳ кунанд. Вале хуб мешавад, ки бештар бинои баландошёна бунёд намоянд. Зеро замини ҳамвор дар кишвари мо кам аст ва бо сохтмони биноҳои баландошёна ин мушкилиро метавонанд аз байн баранд.

Бо бунёди шумораи зиёди муассисаҳои таълимӣ ва биноҳои иловагӣ низ, мутаассифона, мушкили норасоии ҷойи нишаст ва аз 30-33 хонанда ба 25 оварда расонидани онҳо дар баъзе муассисаҳои таълимӣ бартараф карда нашудааст.



Машраби АЛОВИДДИН

МИЛЛИОНҲО БА КУҶО МЕРАВАНД?



ПӮСТИ ЧОРВО:

Арзиши як дона - **300 СОМОНӢ**

Забҳи чорвои калон дар як сол - **1 МЛН**

Коркард шуд - **404 ҲАЗОР ДОНА**

То маҳсулоти ниҳоӣ омода шудааст - **29 ҲАЗОР ДОНА**

Содирот шудааст - **2221 ТОННА (бо маблағи 2 066 ҳазор доллар)**

Истеҳсоли пойафзол аз як дона пӯст - **8 АДАД**

ТАЛАБОТ ВА ИСТЕҲСОЛИ ПОЙАФЗОЛ ДАР ҶУМҲУРӢ ДАР ЯК СОЛ:

Истеҳсол шуд - **1,2 МЛН (аз ҷумла чармӣ 310 ҳазор)**

Талабот дар як сол - **50 МЛН ДОНА**

Шумораи корхонаҳои истеҳсоли пойафзоли чармӣ - 4 адад:

“СОМОН-ЧАРМ” **“ТОҶИКИНТИҚОЛ”**

“МАТИНЧАРМ” **“ЧАРМ”**

Шумораи корхонаҳои коркарди пойафзол - **15 АДАД**



ВОРИДОТИ ПОЙАФЗОЛ:

БЕШ АЗ 10 МЛН ДОЛЛАР ДАР ЯК СОЛ

Шоми 19-уми август саҳни фурудгоҳи Душанбе серодам буд. Парчамбардорону шиорбадастон бо садои дафу карнай дар фазои идона ҳама қаҳрамони ҷаҳон - Эмомалӣ Нуралиро интизор буданд. Дохили толор як сӯ гулдухтарон бо нону гулдаста ва сӯи дигар намояндагони расмӣ, аз ҷумла Дилбар Одилзода, муовини раиси шаҳри Душанбе, варзишгари шинохта Дилшод Назаров, масъулини Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ба истиқболи ҷаҳонқаҳрамон Эмомалӣ Нуралӣ саф ороста буданд.



ЧЕМПИОНИ ТОҶИК АЗ ЭКВАДОР БО МЕДАЛИ ТИЛЛО БАРГАШТ



Истиқболи ғайримуқаррарӣ

Пас аз вуруди Қаҳрамони тоҷик ба толор бо чашидани нону ширинӣ пешвозро ичро ва намояндагони расмӣ ҳар яке ӯро муборакбодӣ намуданд. Ҳангоме ки Қаҳрамон аз толор берун шуд, ҷамъи дӯстону наздикон, варзишгарону мухлисон ӯро бо нидою қарсак ва карнаю сурнай истиқбол гирифтанд. Эмомалӣ Нуралӣ ҷиҳати эҳтиром ба сӯи модараш рафт ва бо ӯ вохӯрӣ намуд.

Эмомалӣ Нуралӣ дар суҳбат бо Pressa.tj гуфт, ки барои ин мусобиқа шаш моҳ омодагии ҷиддӣ дидааст. “Машқҳои дастаҷамъӣ намудем ва заҳматҳои мо хушбахтона самара дод. Ман миннатдории худро ба Пешвои миллат ва раиси шаҳри душанбе ҷиҳати дастгирӣ баён менамоям. Дар оянда кӯшиш менамоям, ки миёни калонсолон ва дар бозиҳои олимпӣ низ мақоми аввалро соҳиб шавам. Мо бо боварӣ рафта будем ва бо медал баргаштем ва ба ин сафари тӯлонӣ низ монеае эҷод накард”,- иброз дошт номбурда.

Роҳи душвор, аммо...

Фаррух Собиров, мураббии Эмомалӣ Нуралӣ - ҷаҳонпаҳлавони тоҷик баъди ғолибияти шогирдаш мегӯяд, ки “бе мушкилӣ ҳеҷ чиз ба даст намеояд. Мушкилиҳои зиёдро мо бо Эмомалӣ паси сар намудем. Рӯзҳое буданд, ки ӯ гиря мекарду мегуфт, дигар наметавонам, вале мо аз роҳи худ ба қафо нагаштем ва хушбахтона, ба ин рӯзҳо расидем. Ҳар мураббӣ ва варзишгаре, ки сидқан кор мекунад, идома дод. Хушбахтона, дастгирии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ буд, ки писари ман Қаҳрамони ҷаҳон шуд. Пеш писарам дар чандин мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоян шуда буд, ҳатто дар чандин мусобиқа дар хориҷ ҳам иштирок намуд, вале ин дастоварди ӯ маро дар ҳолати шокӣ қарор дод.



ҳамаи ҷоизаву медалро соҳиб шуда метавонад. Вақте 29-уми октябри соли 2020 клуби варзишии Парвиз Собировро Ҷаноби Олӣ ифтитоҳ намуданд, мо ваъда дода будем, ки қаҳрамононӣ ҷаҳонро ба воя мерасонем ва хушбахтона дар кӯтоҳтарин муддат ваъдаи худро ичро кардем ва боз ҳам идома хоҳем дод. Мо кӯшиш менамоем, ки медали Бозиҳои олимпиро ба даст орем".

Ӯ исбот кард, ки доварон ноҳақанд

Устоди аввалини Эмомалӣ падараш - Нуралӣ Бобокалонов мебошад. Номбурда дар бораи чӣ гуна ба варзиш рӯ овардани писараш чунин гуфт: “Азбаски ман худам устоди варзиш, мураббии гӯштини миллӣ будам, Эмомалӣ аз 6-7-солагӣ аллакай ба варзиш рӯ оварда буд. То хатми мактаб назди худам таълими варзиш гирифт. Сипас ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон шомил шуд ва машқро дар мактаби варзишии “Парвиз ва Фаррух Собировҳо” идома дод. Ҳоло ҳам боварам намеояд, ки писари ман Қаҳрамони ҷаҳон шудааст. Ҳарчанд Эмомалӣ ба варзиш шавқи зиёд дошт, вале ӯро боз ҳам ба машқу тамрин водор месохтам. Соли гузашта дар Чемпионати ҷаҳон дар Тошканд ҷойи сеюмро соҳиб шуд. Дар Гурҷистон ҳам дар мусобиқае иштирок кард, вале бо ноҳақии доварон ӯро бо се танбеҳ аз рақобат маҳрум карданд. Инак, ӯ исбот кард ва қаҳрамони ҷаҳон шуд. Умед дорем, ки дар оянда миёни калонсолон ва аз Бозиҳои олимпӣ медал ба даст биёрад. Пас аз ғолибияти писарам аз ҳукумати ноҳияи Хуросон, аз тамоми ҷумҳурӣ, варзишгарон, рӯзноманигорон, дӯстон ва ҳар касе, ки суроғаамро пайдо мекунад, тамос гирифта муборакбодам мегӯяд. Падари се писар ва панҷ духтар мебошам. Се писарам рӯ ба варзиш овардаанд ва ҳар яке дар синни худ то ҷое муваффақ гаштааст”.



Мураббиёну пайвандон чӣ мегӯянд?

Сабзаалӣ Сайвалиев, устоди варзиш оид ба ҷудо ва мураббии чандин варзишгарони муваффақи кишвар ба хабарнигори “Тоҷикистон” гуфт, ки “шукр аз шароити муҳайёсохтаи Ҳукумати кишвар, ки варзишгарон озодона метавонанд кишварро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ созанд. Воқеан ҳам, Эмомалӣ Нуралӣ арзанда аст, ки имрӯз Қаҳрамони ҷаҳон оид ба гӯштини ҷудо шуд. Фахри ман аз он аст, ки шогирдонам бо истифода аз усулу малака ва мактаби варзишии мо варзишгаронеро тарбият намуданд, ки парчамбардори кишвар дар арсаи байналмилалӣ шуданд. Ҳарчанд синнам ба 74 расидааст, вале ҳоло ҳам кӯшиш менамоям, ки ба тарбияти варзишгарони ҷавон машғул бошам ва ин маро шод мегардонад”.



Директори мактаби махсуси захираҳои олимпии №6 оид ба ҷудо дар суҳбат бо мо гуфт, ки “имрӯз ҷашни варзиши тоҷик аст. Зеро имрӯз дастпарвари мактаби мо Эмомалӣ Нуралӣ Қаҳрамони ҷаҳон гардид ва ин ҳама истиқбол аз ӯст. Эмомалӣ Нуралӣ дар мактаби Парвиз Собиров тамрин мекунад, ки шомили мактаби мост. Имсол барои мактаби мо соли бобарор буд, соҳиби дастовардҳои зиёд гардидем. Танҳо аз Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ се медали биринҷиро дастпарварони мактаби мо соҳиб шуданд”.

Бобои Эмомалӣ Нуралӣ, ки бо шодии зиёд ва гулдаста ба истиқболи набераш омада буд, мегӯяд, ки “агар замони шӯравӣ мебуд, чунин ҷавонон наметавонистанд парчами ватанро дар ҷаҳон парафшон созанд. Имрӯз тамоми шароит ва дастгирӣ мавҷуд аст. Набераи ман низ бо дастгириии устодонаш Парвиз ва Фаррух Собировҳо ба ин дастовард ноил шудааст”.

Рақобат дар Эквадор

Аз 10 то 13-уми августи соли равон дар шаҳри Гуаякили кишвари Эквадор Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини ҷудо миёни ҷавонон баргузор гардид. Ҷудокори ҷавони тоҷик Эмомалӣ Нуралӣ дар ин мусобиқа шаҳди пирӯзӣ чашид ва нишони қаҳрамонии ҷаҳонро дар корномаи худ сабт намуд, ки дар таърихи ҷудои тоҷик ин дуввумин нишони Қаҳрамонии ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ Нуралӣ дар вазни 66 кг кувваозмоӣ намуд. Рақиби якуми ӯ дар ин мусобиқа ҷудокори Италия - Валерио Акколи буд, ки дар дақиқаи дуюми рақобат имтиёзи “ваза - ари” ба даст оварда ва то охирин дақиқа тавассути он ба рақиб пирӯз шуд.

(Давомаш дар саҳ. 11)

ҲАМСАРИ ПОЙАФЗОЛДӮЗ

Чӣ тавр як зани 53-сола дар бозор пойафзолдӯзӣ мекунад

Даромади Гулмоҳ Файзалиева ҳар рӯз як хел нест, гоҳо аз 50 то 70 ё 100 сомонӣ аст. Вале барои ӯ ин муҳим нест, муҳим он аст, ки ӯ бо кор машғул асту камтар ғӯсса мехӯрад.

Гулмоҳ Файзалиева ягона зани кафшдӯз дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон мебошад. Ҳар рӯз ҳамроҳи фарзандаш аз деҳа ба маркази шаҳр меоянд ва назди бозори марказӣ нишаста, кафшдӯзӣ мекунанд. Ҳарчанд дигар фарзандон нонодари хона ҳастанд, вале ғаму дарди 5 фарзанди фавтида ӯро ҳунарманд ва берун аз хона кард. Гулмоҳ Файзалиева ин касбро аз шавҳараш омӯхтааст, ки пойафзолдӯз буд, вале ҳоло дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад ва ба ҳамсараш супурдааст. Барои ба ин касб машғул шудани ӯ дар аввал ҳама аҳли хонавода зид буданд, аммо холаи Гулмоҳ ба касе гӯш надод.

«Марги 5 фарзанд бароям осон набуд»

Қаҳрамони мо 53 сол дорад ва 5 сол мешавад, ки пояфзолдӯзӣ мекунад. Мегӯяд, ки шавҳар ва фарзанди калонияш низ солҳо аз рӯи ин касб ризқашонро пайдо мекарданд. Онҳо гоҳо пояфзолҳои тамомнашударо ба хона оварда, таъмир мекарданд. Марги 5 фарзанд холаи Гулмоҳоро ба ғаму андуҳ кашид.

“На танҳо марги 5 фарзанд, балки марги падару модарам низ бароям осон набуд. Дунёи рӯшан дар назарам торику сард шуд. Умеди зистан надоштам. То ҳаде рухан девона шуда будам. Ҳар сари қадам худ ба худ гап мезадам, чӣ гуфтанам маълум набуд. Аз ғами 5 фарзанд девонавор шоир шудаму як дафтарча шеър навиштаам. Ҳоло дафтари шеърҳоям зери болишти сарам нигоҳ дошта шудааст. Сипас ба худ гуфтам, ки бояд худро ба даст бигираму ба хотири дигар фарзандонам зиндагиро идома диҳам”,- гирякунон нақл кард холаи Гулмоҳ.

Кафшдӯзии пинҳонӣ

Баъди чунин ҳодисаҳои нохуш холаи Гулмоҳ ба бемории қалб гирифтор мешавад ва солҳост, ки ин беморӣ азият таш медиҳад. Борҳо аз шавҳар ва фарзанди калонияш хоҳиш кард, ки ҳунари пояфзолдӯзиро ба ӯ омӯзонанд, вале



писараш ба ин кор иҷозат намедод.

“Вақте шавҳару писарам қисми пояфзолҳои нотамомро ба хона меоварданд, гоҳо пинҳонӣ аз онҳо дар дигар хона шогирдона медӯхтам. Дастонамро бо дирафш сӯрох мекардам, вале ба касе чизе намегуфтам. Оҳиста-оҳиста ҳунарро аз худ кардам. Мехостам ҳамроҳи писару шавҳарам ба шаҳр омада, кор кунам, то каме ҳам аз сӯзу фироқи марги фарзандонам дур шавам. Аммо писарам розӣ намешуд, шарм мекард. Мегуфт, ки дар наздӣ чӯраҳояш сарҳам мешавад. Ман ҳам якравӣ кардаму гуфтам, ки меҳнати ҳалол кардан ягон ҷойи айб надорад ва ба кор баромадам”,- мегӯяд холаи Гулмоҳ.

Холаи шӯху хушчақчақ

Дар роҳраве, ки мардҳои пояфзолдӯз нишаста, корашонро пеш мебаранд, холаи Гулмоҳ ягона зани пояфзолдӯз буда, бештар занону духтарон пояфзолҳои худро барои духтан назди ӯ мебаранд. Гоҳо бо мизоҷонаш шӯхиҳои намакин мекунад.

“Баъзеҳо пояфзолҳои худро меоранд ва фаромӯш мекунанд, ки омада гиранд. Вақте меоянду пояфзолҳои худро мепурсанд, бо чеҳраи ҷиддӣ мегӯям, ки наомадед, пойафзолатонро фурӯхтам. Ба ғазаб омада, ҷанҷол мекунанд. Дар охир механдаму мегӯям, ки шӯхӣ кардам. Мегӯянд, ки “холаи шӯх будай”. Аслан, ман ба муштариёне, ки дағалона бо ман рафтор мекунанд, аҳамият намедиҳам, гапро ба шӯхӣ мебараму корамро мекунам. Ман ин ҷо на ҷанҷолкунӣ, балки барои кору ғамбарорӣ меоям”,- бо хушҳолӣ нақл мекунад холаи Гулмоҳ.

Ин зан то як моҳи пеш ҳамроҳи шавҳараш канори роҳ нишаста, пояфзол медӯхтанд. Шавҳараш барои пайдо кардани ҷойи кори муносиб ва пул ба Русия рафтааст. Акнун Гулмоҳ Файзалиева ҳамроҳи яке аз писаронаш канори роҳ нишаста, кафшдӯзӣ мекунанд. Ӯ шукри Худованд мекунад, ки алъон 6 фарзанди солим дорад.

Амонҷон МУҲИДДИНОВ

БА ШУМО ЧИЗЕРО МЕДИҲЕМ, КИ БА МО ДОДАНД!

Киштӯдӣ сафари Маскав кард. Аз фурудгоҳи Душанбе ба як дӯсташ дар Маскав занг зада, хоҳиш кард, ки ӯро пешвоз гирад. Гуфтани вақти парвоз ва соати ба Маскав расиданро ҳам фаромӯш накард. Дӯсташ аз он тараф гуфт:



- Эй бехабар, аз пода пеш чанг наандоз, магар намедонӣ, ки самолётҳои Душанбе аз рӯи шиори “Дер ояду шер ояд” парвоз мекунанд!?

Киштӯдӣ чизе нафаҳмиду дубора пурсид:

- Чӣ гуфтӣ?

- Чизе ки фаҳмидӣ, кунд-фаҳм, опоздат мекунанд!,- гуфт дӯсташ.

Киштӯдӣ “даҳонатро шамол барад!” гуфту вориди толори фурудгоҳ шуд.

Ин дафъа буҷули Киштӯдӣ асп хест. Интизориаш дар толор дер напоид. Соати 18:50 эълони ба ҳавопаймо нишастани мусофирони тайёраи SZ 201, SOMON AIR-ро бо гӯши худ шунид. Расо соати 19:15 дар курсии ҳавопаймо нишаста буд. Қариб буд ҳавопаймо аз вақти муқарраршуда тезтар парвоз кунад. Пеши шумо дурӯғу пеши худованд рост, ҳавопаймо расо дар вақти муқарраршуда - 19:30 дили ҳаворо дарида, ба осмон хест. Хайрият Киштӯдӣ фурсат ёфту ба дӯсташ занг зада, ғайбатчиёну туҳматгаронро аз миён то по навозиш кард. Ҳавопаймо парид.

Шиками Киштӯдӣ танбӯр менавохт. Гӯр ҳамин занҳо шаванд, ҳамсараш пеш аз парвоз фаросати шиками ӯро сер кардан накард. Баъди соате аз парвоз бӯи хӯрок ҳавопайморо фаро гирифт. Оби даҳонаш шӯрӣ карда, рехт. Хаёлан анвоъи салату ҳасибу паниру кабобу мантуро пеши назар овард. Бо билети нархаш 5 000 сомонӣ хӯроки дигарро интизор шудан кӯтоҳандешие беш набуд.

Ду стюардессаи танноз аз ду тарафи аробаи пури ғизо истода, тап-тап хӯрокро рӯи мизчаи мусофирон мегузоштанд.

Киштӯдӣ бо оҳанги ба худаш хос ба стюардессаҳо рӯй овард:

- Ба ман катлет!

Стюардессаҳо ба ҳамдигар нигоҳ карда, мисли он ки Киштӯдӣ аз куҳ фаромада бошад, ба ҳолаш хандиданд.

Киштӯдӣ пурсид:

- Чаро механдед?

Стюардессаҳо қиёфаашонро ҷиддӣ карда, гуфтанд:

- Танҳо мурғу биринҷ дорем.

- Котлет мехоҳам,- дубора такрор кард Киштӯдӣ.

- Ба шумо чизеро додем, ки ба мо доданд,- гӯё, ки хор мехонда бошанд, бо як овоз гуфтанд стюардессаҳо ва мурғи аз шири модар ранҷидаи Файзободу биринҷи хомпази Чинро таппӣ пешаш гузоштанд.



Кайфи Киштӯдӣ парид. Як кулчаи худоии баробари кафи даст, як каф биринҷ ва почаи чӯчаи аз оча сағирмонда бо ӯ чашмаки ман чашмаки ту доштанд. Дилаш мехост мисли Қорӣ-ишкамба ”вой, пулакам сӯхт!” гуфта, дод занад, аммо аз зани дар паҳлуяш нишаста шармаш омаду худдорӣ кард.

- Ин ҷо салфетка надорад, як дона влажная салфетка тед, дастамро тоза кунам,- гуфта боз ба стюардесса муроҷиат намуд ӯ.

Стюардесса боз ҳамон гапашро такрор кард:

- Мо ба шумо чизеро додем, ки ба мо доданд!

Киштӯдии ҳафтафаҳм нав фаҳмид, ки маънои ин гап “надорем” будааст.

Яъне, салфетка юқ.

Киштӯдӣ хӯроки хӯраму намурамро аз гулӯ поин карду чой хост.

Чой оварданд.

Пурсид, ки магар ширинӣ надоред?

- Мо ба шумо чизеро додем, ки ба мо доданд!,- тӯтивор такрор намуданд стюардессаҳо.

Яъне ширинӣ ҳам юқ.

Ин дам як зани дар паҳлуи Киштӯдӣ нишаста конфетеро ҷонибаш дароз карда, гуфт:

- Уко, беҳуда гапатонро дар ҳаво напартоед. Гапи ин бечора стюардессаҳоро кӣ гӯш мекунад? Ман ки медонам, хӯрокам бо худам.

Зани худобохабар назди Киштӯдӣ ҳасибу паниру шоколад гузошт. Киштӯдӣ оҳи сард аз дили пурдард кашиду аз ҳамон баландӣ ба Парвардигори дар осмон паноҳбурда рӯй оварда, гуфт:

- Ачаб омири одил ҳастӣ, якеро инсоф медиҳию инсофи дигареро мегирӣ!

ЯК КОНСЕРТИ ТАЪРИХӢ ДАР КӮЛОБ

Аз хоксории Одина Ҳошим то зиёфати 300-нафараи Қурбон Зардак ва “ҷазо”-и Саидҷалол Саидов

Аввали моҳи октябри соли 1984 тайёриҳо барои ҷашнгирии 60-солагии ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон босуръат мерафт. Ба ин муносибат консерти устодони санъати ҷумҳурӣ дар шаҳри Кӯлоб ба нақша гирифта шуда буд. Рӯзи консерт муайян шуд ва 120 нафар ҳунармандон дар якҷоягӣ бо мусиқинавозону хизматрасонҳо ба Кӯлоб омаданд. Гузаронидани консерт дар стадиони шаҳр пешбинӣ шуда буд. Соати 7 консерт оғоз ёфт, чун анъана аз баромади ҷавонҳо.



Гап дар сари чор ситораи санъат мерафт: Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов, Мастона Эргашева, Тухта Иброҳимова. Кадоме аз онҳо аввал баромад кунад? Ҳарчанд дар барнома оғози консерт аз Одина Ҳошимов сар мешуд, ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ розигӣ надод, ки пеш аз меҳмонон ҳунарнамоӣ кунад.

Ба хонандаи гиромӣ арз кунам, ки он вақтҳо ин гуна барномаҳоро дар ҷояш комитетҳои партиявии шаҳру район тасдиқ мекарданд. Мисли ҳозира ин қадар продюсеру режиссёр ҷалб намешуд. Масъули таҳияи сенария ва иҷрои он мудири шуъбаи пропаганда ва агитатсия буд. Дар шаҳри Кӯлоб, чун маркази вилоят, ин барномаро Бюрои комитети партиявии вилоят ҳам тасдиқ мекард. Мудири пропаганда чун “саги даҳмарда” дар майдон мерафту меомад, тағйироте лозим шавад, бар ухда мегирифт. Агар ҷуръат накунад, аз роҳбарони идеологии худ розигӣ мепурсид.

Қарор шуд, ки аввал гулрухони санъат ҳунарнамоӣ кунанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъд ба саҳна акаи Ҷӯрабек Муродов меомад.

Дар пушти саҳна, ки аз мошинҳову тахтабандиҳо оро дода шуда буд, устод Зафар Нозимов ва Одина Ҳошимов асбобҳояшонро чӯр ва бо овози паст замзама мекарданд. Ман дар кунҷе истода, аз пушти саҳна ба тамошобинон нигоҳ мекардам. Кадом як корманди театр омаду хабар кард, ки маро бобои Одина мунтазир аст. Рафтам. Ӯ бо дутор машқ мекард. Бори дигар салом карду маро ба гӯшае бурд ва гуфт:

- Баъди акаи Ҷӯрабек ба Қурбон Зардаков навбат бидиҳед, ақаллан ду суруд бихонад.

Як навъ омирона сухан гуфтанаш маро хуш наомада бошад ҳам, сабурона мунтазири идомаи суханҳои ӯ шуда, гуфтам:

- Охир, дар барнома номаш нест. Онро кумитаи ҳизби вилоят тасдиқ кардааст.

- Инашро медонам, вале ҳамааш дар дасти худат аст. Он тарафашро то охир фикр кардаам. Маошат чанд пул аст?

- Маош чӣ дахл дорад?

- Ана барои ҳамин мегӯям. Аз кор пешат карданд, мудири шуъбаи адабии театр - ҷои кори нават.

- Ин масъаларо ман бояд аз Тағоева Робиа Аллаёровна бипурсам, ҳадди ақал аз Қиммат Рустамова.

- Медонам, онҳо дар минбар, дар ложаи меҳмонони калон нишастаанд. То он ҷо рафта омадани ту консерт тамом мешавад. Биё, ба як қарор биёем.

- Акаи Одина, ҳамин гапро ду соат пеш мегуфтӣ, намешуд? Охир, ҳамин барномаро асосан ба гуфтаҳои шумо сохтаем.

- Медонӣ чӣ, додар, ақли ман ҳам гоҳ - гоҳ кунд аст, то ин ҷои масъала нарасид. Ин хоҳиш ва илтимоси акаи Зафар аст.

Аз кафи по то сар хунам ҷӯшид. Иззати меҳмон, боз чунин ҳунарманд, кумири мусиқии ман. Хун баданамро гарм кард, вале майнаамро сард... Ҳис мекардам, ки вақт кам аст. Медонистам, ки Қурбон Зардаков дар кучо нишастааст ва ба як ишораи ман бояд ҳозир шавад. Не, ин аз обрӯи ман не, ҳамин ҳунарманди ҳақиқатан марҳум он вақт директори стадиони мазкур шуда кор мекард ва имрӯз мизбон ҳисоб меёфт. Кас фиристодам, ӯ зуд омад.

- Қурбон Зардакович, ду суруд мехонед...

- Бо ҷону дил, баъди консерт дар кабинетам.

- Не, ҳозир, дар саҳна.

- Шӯхӣ мекунӣ, додар? Аз ҷонат сер шудай? Ман кучову ин саҳна кучо...

- Не, қарор ҳамин хел шуд!

- Боз мепурсам: шӯхӣ мекунӣ? Ин пешниҳоду хостаи худат аст?

Мехостам гапи устод Одина Ҳошимро такрор кунам, ки ақли ман ба ин корҳо намерасад, вале аз такрор шарм кардам.

- Ин хоҳиши акаи Одина аст!

- Ту донию худо, рост мегӯй? Акаи Одина худаш гуфт?

- Бале, худаш. Рафтем ба назди ӯ.

Акаи Одина бо дутор ҳанӯз ҳам машқ мекард. Ӯ суруди наве иҷро карданӣ буд.

- Бобои Одина, ҳамин Саидзода шӯхӣ дорад, маро мазоқ мекунад ё шумо ягон гап гуфтед?

- Шумо мухлиси худатонро доред, аз мо дида шояд камтар набошад, ҳақ доред, барои онҳо бихонед.

Хонандаи гиромӣ, ҳамин ҷо ҳеҷ гуна иғроқу муболиғаро ҷой доданӣ нестам, асли гап аст. Қурбон Зардаков, ҳамон одаме, ки ғурураш иҷоза намедод, ки пеши касе сар хам кунад, ҳоло меларзид. Ӯ одат дошт, ки китфи чапашро ҳамеша боло-боло партояд. Ҳоло ӯ ҳарду китфашро ҳамин гуна кор мефармуд. Ба зону зад, дар пеши пои акаи Одина. Дар ҳолате, ки сарашро ба зонуҳои ӯ гузошта, пойҳои ӯро оғӯш мекард, бо овози гиряолуд гуфт:

- Медонистам, Одинамад, ки ту ҷавонмарди асилӣ. Ҳунарманди худододӣ, ба ман тангравӣ надорӣ.

Акаи Одина дуторро ба дасти ман дода, хам шуда, ӯро дудаста бардошт.

- Чӣ кор мекунӣ, акаи Қурбон? Накун, маро гунаҳгор месозӣ. Ақли ман то ин ҷо намерасад, раҳмат ба акаи Зафар бигӯй.

Қурбон Зардаков аз ҷой хест. Гиря гулӯгираш мекард. Китфонаш ҳанӯз бозӣ мекарданд. Гарданашро низ ин тарафу он тараф меёзонд.

- Хайр, Зафарҷонро худат салом бигӯй. Лекин агар ман ба саҳна бароям, ҳамон рубоби хотамкориатро медихӣ?

- Садқаи сарат, агар хоста бошӣ, ман бо ҳамин дутор дар паҳлуят истода, якҷоя бо дойрадаст менавозам.

- Не, рубобатро додӣ, бас.

Боз як бори дигар ӯ акаи Одинаро ба оғӯш гирифт, бародарвор бӯсид, маро низ фаромӯш накард.

(Давомаш дар саҳ. 14)

ҚУРБОН ЗАРДАКОВ, ҲАМОН ОДАМЕ, КИ ҒУРУРАШ ИҶОЗА НАМЕДОД, КИ ПЕШИ КАСЕ САР ХАМ КУНАД, ҲОЛО МЕЛАРЗИД. Ӯ ОДАТ ДОШТ, КИ КИТФИ ЧАПАШРО ҲАМЕША БОЛО-БОЛО ПАРТОЯД. ҲОЛО Ӯ ҲАРДУ КИТФАШРО ҲАМИН ГУНА КОР МЕФАРМУД.

ЧЕМПИОНИ ТОҶИК АЗ ЭКВАДОР БО МЕДАЛИ ТИЛЛО БАРГАШТ

(Аввалаш дар саҳ.9)

Дар даври дуюм Эмомалӣ бо варзишгари фаронсавӣ - Максим Моунданга қуввааозмоӣ намуд. Ин навбат низ Эмомалӣ Нуралӣ бо ба даст овардани “ваза - ари” ғолиби рақобат гардид. Муҳаммад Демирел - ҷудокор аз Туркия дар даври чорякниҳоӣ рақиби Нуралӣ гашт ва ҷудокори тоҷик бо истифода аз усули «де аши барай» рақибро шикаст дод ва ба даври нимниҳоӣ роҳхат гирифт.

Дар даври нимниҳоӣ Эмомалӣ Нуралӣ бо варзишгари Молдова - Извореану Раду қувваозмоӣ кард. Нуралӣ Эмомалӣ дар оғоз бо истифода аз усули «де аши барай» ба имтиёзи «ваза - ари» соҳиб шуд ва дар идома бо истифода аз усулҳои тактикӣ рақибро бо се танбеҳ аз майдон берун кард.

Рақиби Эмомалӣ Нуралӣ дар вохӯрии ниҳоӣ паҳлавони Ӯзбекистон - чемпиони Осиё миёни ҷавонон Азизбек Ортиқов буд. Рақобати шадид миёни ин ду варзишгар то дақиқаи охирин бе натиҷа сурат гирифт. Дар 10 сонияи охир Эмомалӣ бо усули «коши гурума» аз ҳариф имтиёзи «ваза - ари» ситонид ва дар идомаи ҳамла рақибро дар ҳолати «осаекоми» нигаҳ дошт ва бо баҳогузории «иппон» пирӯз шуд.

Дар ин мусобиқа Эмомалӣ дар баробари дарёфти медали тилло ҳамзамон соҳиби 700 имтиёз ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 2000 доллар гардид.

Дар таърихи гӯштини ҷудои тоҷик ин дуюмин медали тилло аз Чемпионати ҷаҳон миёни ҷавонон маҳсуб мешавад. Нахустин медали тиллоро паҳлавони тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар вазни то 73 кг моҳи октябри соли 2019 дар Чемпионати ҷаҳон дар Марокаш ба даст оварда буд.

Ёдовар мешавем, ки Эмомалӣ Нуралӣ 20-сола буда, то синфи 9 дар мактаби №47 ва то синфи 11 дар мактаби №7-и ноҳияи Хуросон таҳсил намудааст. Ҳоло донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тичорати Тоҷикистон мебошад. Баъд аз дарс дар клуби варзишии “Парвиз Собиров” тамринро идома медиҳад.



Идибеки САИД

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ФУРӮШИ ХОНА

► 2-ҳуҷрагӣ, қабати 2, таъмиршуда, суроға: Зарафшон. Тел: 907-29-49-49.

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматии №174, ба номи ҶСК "Мостдорзнак" бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2, хонаи №171 ва №174 бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматии ба номи ҶСК "Мостдорзнак" бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2, хонаи 55, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҷабов Аҳлиддин Сирочидинович, №0254992, РЯМ: 0130138269, РМА: 015366706, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 18.10 соли 2016 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТВ-І №042454 бо рақами қайди №23-и гумшуда, ки онро ДМТ (Государственный университет им. Ленина) 24-уми июни соли 1989 ба Иброҳимов Рустам Хайруллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №5131-и гумшуда, ки онро ОКТ №5 шаҳри Душанбе соли 1979 ба Мамадназарова Зиёдабегим Шеровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи чек ба номи корхонаи Христианская Миссия Милосердия "Умед", бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи И. Сомонӣ соли 2015 ба Ҳасанов Эраҷ Розиқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А0647069-и гумшуда, ки онро ШКД-и Ҳукумати ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе 28-уми сентябри соли 1999 ба Камолов Алимҷон Аламович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А02093734-и гумшуда, ки онро ШММ Сарвода ШВКД ноҳияи Айнӣ 26.06 соли 2019 ба Исоқов Мукарам Акрамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01767927-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсӣ 26.02 соли 2019 ба Исмоилова Малика Фазлуддиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ҳусейнзода, хонаи 10, блоки б, ҳуҷраи 98 ба номи Аюбов Эркин Султонович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷураева Тахмина Абдулваҳобовна, РЯМ: 0331224759, РМА: 015453766, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2013 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ аз моҳи июл бо силсилаи А01790641, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ 12.03 соли 2019 ба Сангов Тоҷиддин Мудинович додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳимова Зулайхо Сатторовна, РЯМ: 0430194765, РМА: 095376461, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0657393-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ соли хатми 2013 ба Ҳуснияи Давлатмурод додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ба номи Музаффаров Сабриддин Бахриддинович, РЯМ: 0430088194, РМА: 045129180, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 1-уми июли соли 2011 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03670191-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур 21.04 соли 2021 ба Зубайдов Парвиз Файзуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гурезагии шаҳрванди Афғонистон 744-00001749 ба номи Шозияи Муҳаммад Қосим (Shahziya Muhammad Qosim), ки онро Созмони Милали Муттаҳид 19.02 соли 2021 додааст, бинобар гум шудан, Наботов Идибек додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо варақаи қайди №54959 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон, М-2, хонаи 1, ҳуҷраи 14 ба номи Қадамова Гулчирамо Хоркашовна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 6 Д-5873-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии 2-юми шаҳри Душанбе 28.08 соли 1992 бо суроғаи хонаи рақами 5, ҳуҷраи 39 ба Файзов Музафар Зайдуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва созишномаи ҳақи дасткашӣ таҳти феҳрести 6Ш-972 аз 07.07.2014с., ки Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Бобоев Баракатулло Юсуфович додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми толори савдо ва таҳхона таҳти феҳрести 3ДШ-690 аз 17.07.2014с., ки Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба номи Азизов Бахтиёр Чурахоновис қисми толори савдо ва таҳхона дар кӯчаи А. Қаҳоров 111/4 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши бинои таҳти литери хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш-1250 аз 18.10.2010с., ки Саридораи нотариалии давлатии ҶТ бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи ҳафтуми кӯчаи Н. Муҳаммад (собиқ Чехов), хонаи 8, ҳуҷраи 12 ба бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми №0473930-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и ноҳияи Сино соли хатми 2011 ба Пилихони Баҳодур додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №1056114-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Рӯдакӣ соли таҳсили 2021-2022 ба Рафизода Саиди Шам додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрести №162/2022-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии ноҳияи Шоҳмансур 20.04 соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳалаи Мирзобек 1, хонаи 5, ҳуҷраи 3 ба Сафарова Файзимо Бековна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №458/18-и гумшуда, ки онро МБТИ шаҳри Норак 15-уми майи соли 2018 бо суроғаи ш. Норак, ҷамоати деҳоти Пули Сангин, маҳалаи Кибил, кӯчаи Бедил, хонаи 27 ба Аминов Сафарбег Мирзоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Джаборов Абдукахор Сатторович, РМА: 037058295, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ соли 2022 додааст, бинобар гум шудан, беэътбор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №0920346-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсӣ соли таҳсили 2018-2019 ба Давлатова Ҳадисабону Ҳамзаалиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А №175204-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсӣ-2 (собиқ Рӯдакӣ) соли 1993 ба Шамсудинов Улуғбек Ҳуснидинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ№119742-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи №43-и ноҳияи Сино соли 2001 ба Бобоҷонов Абдуқаҳор Шерович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0038776 бо рақами қайди №1391-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии техникии №66-и шаҳри Душанбе 30.06 соли 2011 ба Файзалиев Ҳиматали Мирзовалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Ситораи Само" №0267409, РЯМ: 0110027125, РМА: 0101034191, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Рахматуло 3", №0263331 РЯМ: 3310009075, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ №33

■	А	Ф	Ш	И	Н	■	О	К	Т	Е	Т
Р	■	■	■	С	■	■	О	■	■	■	А
У	■	■	■	М	А	Т	Н	■	■	■	Р
Х	■	■	■	О	■	А	■	■	■	■	К
Ш	■	■	■	И	С	О	Р	■	■	■	А
О	■	М	И	Л	■	М	■	И	Ч	А	Н
Н	Б	А	■	■	■	У	■	О	■	Н	■
А	■	К	А	М	О	Л	И	Д	Д	И	Н
■	■	И	■	Е	■	■	Л	■	И	■	■
Ф	И	Ш	О	Р	■	О	М	О	Н	И	М
А	■	■	■	И	С	М	■	■	■	■	А
Р	■	■	■	Л	■	И	■	■	■	■	Н
С	■	■	■	Е	В	Л	Е	■	■	■	С
А	■	■	■	Н	■	■	В	■	■	■	У
Х	А	М	И	Д	■	З	А	Р	Г	А	Р

Зодрӯз муборак!



Ба зодрӯзи собиқ сармуҳандиси комбинати маҳсулоти ғаллагии Орҷоникидзеобод Раҳматов Бахтиёр Додихудоевич расо 60 сол пур мешавад. Ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, дар рӯзҳои вазнини ҷумҳурӣ, аз соли 1991 то 1998 ҷабҳаи вазнини корхона - истеҳсолот ба зиммаи ин ҷавони пурғайрат вогузор карда шуда буд. Ҳоло Раҳматов Б. Д. дар вазифаи масъули "Барқи Тоҷик" пурсамар меҳнат карда истодааст. Ба соҳибҷашн умри дарози бобаракат, саломатии бардавом ва бахту саодат таманно дорем.

Аз номи собиқ ҳамкор
Саидов Аҳмад Расулович

Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳамалҳои оиладор барои фарзандон харҷу харочоти зиёд мекунанд. Аз ин лиҳоз, ба бозору мағозаҳо кӯдаконро бо худ набаред. Барои харидорӣ намудани туҳфа ба шахси дӯстдоштаатон вақти чандон мусоид нест. Пули калон сарф мекунед, вале туҳфа писанд намеояд.



Савр
21.04 - 21.05

Мушкилии асосии саврҳо дар ин ҳафта бо оилаву корҳои рӯзгор вобастагӣ дорад. Дар ин рӯзҳо таъмири хонаро тавсия намедиҳем. Бо техникаи маишӣ боэҳтиётона кор кунед, мошинаи ҷомашӯйӣ, чангкашак ё дарзмол бо сабаби ноҷӯриҳои қувваи барқ аз кор мебароянд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ҳафтаи нав ягон вохӯриро ба нақша нагиреду робитаро бо ҳамсояҳо, шиносу хешовандон қатъ намоед. Гап сари он аст, ки дар ин рӯзҳо шумо андаке асабиву дағал мегардед. Тамоми намуди робитаву муошират дар ин рӯзҳо боиси моҷаро мегардад.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта бисёр кор мекунед, вале маблағи кирой ба даст намеоред. Бояд мувозинаи байни харочот ва даромади худро муътадил нигоҳ доред. Бо сабаби вайроншавии техникаи рӯзгор, компютер ё телевизор маблағ сарф мекунед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта бехтараш аз сар кардани ягон кор худдорӣ намоед. Ҳар қадаре барои расидан ба мақсад кӯшиш намоед, ҳамон андоза он дастнорас мегардад. Рӯзҳои душанбеву сешанбе барои шумо аз қабили рӯзҳоеанд, ки корҳоятон бебарор анҷом меёбанд.



Сумбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта вазъи саломатиятон бад шуда, корҳоятон ба таъхир мемонанд. Агар рӯирост амал карданатон натиҷа надиҳад, вақти ҷасурона амал карданатон нест. Кӯшиши бо роҳҳои ғайриқонунӣ ҳал кардани корҳоро накунед, вагарна гирифтори мушкилиҳои зиёд мегардед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳодисаҳои ногаҳоние, ки дар ин ҳафта яку якбора пайдо мешаванд, орому қарори шуморо мерабоянд. Ҳамзамон дар ин рӯзҳо аз робитаҳои фаъоли дӯстона худдорӣ намоед, камтарин саҳлангории дӯстатон боиси моҷаро мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта дучори монеаҳое мегардед, ки садди роҳи мустақилона амал карданатон мегарданд. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, мушкилиҳо рафъ гашта, вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад. Охири ҳафта аз муошират бо нафарони бадҷаҳл ва ҷангу моҷаро дурӣ ҷӯед.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта мушкили зиёдеро рафъ карданатон лозим аст. Фаромӯш насозед, ки қуввати шумо беохир нест, корҳои зиёдатон нотамом мемонанд. Кӯшиши якбора ба чанд кор даст заданро накунед. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, дар зиндагиатон шодиву нишот дида мешавад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Аввали ҳафта дар муносибат бо дӯстдоштаатон нофаҳмӣ рух медиҳад. Ба навозишу мехрубонӣ майли зиёд пайдо мекунед, вале ин хоҳиши шуморо ҳамсафари ҳаётиатон қабул намекунад. Бо дағалӣ ба дили дӯстдоштаатон роҳ наҷӯед, мехрубону хушгуфтор бошед.




Далв
21.01 - 19.02

Дар ҳаёти далвҳои оиладор муноқишаву нофаҳмӣ дида мешавад. Барои бадтар насохтани вазъият рӯзҳои душанбеву сешанбе ҳангоми гуфтор бо аъзои оила дағалгуфторӣ накунед. Таъмири хона ва нигоҳубини замини наздиҳавлигӣ боиси сарфи маблағ мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта ҳутҳоро лозим меояд, ки бештар меҳнат кунанд, вале дар баробари ин, саломатии худро эҳтиёт намуда, ба хастагии зиёд роҳ надиҳед. Айни замон шумо бо мушкилиҳои зиёду монеаҳо дучор мегардед. Кӯшиши зудтар ба анҷом расонидани корҳоятонро накунед.



АЗ ИНТЕРНЕТ ТО ТЕЛЕФОН

5 одате, ки умри инсонро кӯтоҳ мекунанд

Пизишки амрикой Кэти Белфи панҷ одати бади ҳаррӯзаи инсонро ном бурд, ки ба саломатӣ ва давомнокии умри инсон таъсири манфӣ доранд.



1. Интернет. - Дастрасии ҳамешагӣ ба ҷустуҷӯи онлайнӣ инсонро қариб пурра аз фикр кардан боздошт,- қайд мекунад Белфи. Муайян шудааст, ки чунин одат инсонро танбал мекунад ва фикрронии таҳлилиро дар ӯ коҳиш медиҳад. Ба гуфти коршинос, ин қобилияти кунҷковии табиии инсонро суст мекунад ва пеши роҳи раванди фикрронии мустақилонаро мегирад. Ин сабаби он мешавад, ки инсон дигар қобилияти мустақилона ва сари вақт қабул кардани қарорро аз даст медиҳад.

2. Сари вақт истеъмол накардани ғизо. Пизишки ғизошинос Кейт-Томас Айуб маслиҳат медиҳад, ки бояд наҳорӣ кард ва шомгоҳон он қадар зиёд нахӯрд, чун меъда шаб ба ҷои истироҳат кардан бояд ғизои истеъмолкардаи шуморо ҳазм кунад ва босуръат кор кунад.

Ин сифати хобро паст мекунад ва ҳангоми бедор шудан, инсон худро хаста эҳсос мекунад. Сарфи назар кардани саҳархӯрӣ ва истеъмоли хӯроки серғизо пеш аз хоб ба фарбеҳшавӣ ва баланд шудани сатҳи қанд дар хун боис мешавад.

3. Истеъмоли ками мева ва сабзавот. Истеъмоли мева ва сабзавот ҳар рӯз ба миқдори муайян бисёр зарур аст. Онҳо аз витамин ва минералҳо бой ҳастанд. Истеъмоли ками мева ва сабзавот метавонад ба саломатии инсон таъсири манфӣ расонад.

4. Тамошои телевизион. Равоншиносон мегӯянд, ки аксари мардум аз бекорӣ ба тамошои ахбори бад мепардозанд ва ба таъсири манфии он нигоҳ накрада, наметавонанд чунин одаташонро бас кунанд. Таҳлилгарон тамошои ахбори бадро боиси депрессия ва нороҳатӣ, ҳамчунин саломатии бади равонӣ медонанд.

5. Хоб кардан дар назди телефон. Ин яке аз одатҳои бадтарин ва хатарноктарин аст. Коршиносон мегӯянд, ки телефон аз худ нури ултрабунафш хориҷ мекунад, ки саломатии инсонро барҳам мезанад.

Чунин одат инсонро ба бехобӣ ва беҳолӣ гирифтор мекунад. Пизишкон маслиҳат медиҳанд, ки барои ҳифзи саломатии худ бояд ним соат пеш аз хоб аз истифодаи телефон даст кашид.

ДАВОИ КАМХУНӢ ЧИСТ?

Духтарам аз замони кӯдакиаш лоғарандому камқувват аст. Шикоят мекунад, ки худро ҳамеша хаставу лакот эҳсос менамояд ба баъзан сараш чарх мезанад. Духтурҳо сабаби камқуввати духтарамро дар камхунӣ маънидод менамоянд. Оё роҳҳои мардумии табобати камхунӣ вуҷуд дорад?

ЗАЙТУНА, ноҳияи Сангвор



Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Насриддиншоев:

- Мо ба шумо чанд давои оддиро тавсия медиҳем, ки камхуниро бартараф менамоянд, вале духтари шуморо зарур аст, ки сарчашмаи бемориашро аниқ намояд, зеро камхунӣ паёмади ягон касалии дигар буда метавонад. Сарчашмаи касалиро ёфта табобат накунед, беморӣ баъди чанд вақт метавонад аз нав хурӯҷ намояд. Инак, чанд роҳи халқии табобати камхунӣ:

Якум. Ним килограмм себ, ним кило лаблабуи сурх ва ҳамин миқдор сабзиро аз мошинаи мевачабак гузаронида, ба шарбати ҳосилшуд як пиёла асалро илова намоед. Шарбатро нағзакак омехта карда, рӯзе 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок якқошукӣ нӯши чон намудан лозим аст. Мо инро дар тачриба санҷида, боварӣ ҳосил намудем, ки дар бадали як моҳ камхуниро пурра бартараф менамояд.

Дуюм. Як пиёла ҷавро нағзакак шуста, дар якуним литр об муддати 10-15 дақиқа бичӯшонанд ва бо каме асал ширин карда, рӯзе 2-3 маротиба якпиёлагӣ бинӯшанд, камхуниро даво мебахшад.

Сеюм. Настаран (хуч) барои касоне, ки ба камхунӣ мубтало гаштаанд, бехтарин давост. Одам ҳар бегоҳ 3 қошуқ хучро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомада резаду рӯзона кам-кам ин обро бинӯшад, худро бардам эҳсос хоҳад кард.

ЯК КОНСЕРТИ ТАЪРИХӢ ДАР КӮЛОБ

Аз хоксории Одина Ҳошим то зиёфати 300-нафараи Қурбон Зардак ва “ҷазо”-и Саидҷалол Саидов

(Аввалаш дар саҳ. 11)

- Кай?,- пурсид ӯ.

Ман ҷавоб додам:

- Ҳамин ки Ҷӯрабек Муродов суруди сеюмашро хонд, дар пушти саҳна бошед.

Рафтам ба назди саҳна. Барандаи консерт Мирзоватан Миров буд. Ӯро даъват карда, матлабро гуфтам.

- Охир, дар барнома нест. Ман масъулиятро ба гардан гирифта наметавонам.

- Масъулият ба дӯши ман. Қаламу коғазатро деҳ, ман ба дасти худам менависам.

- Не, ғайриимкон аст.

- Набошад, микрофонро бидеҳ, худам эълон мекунам. Мабодо ба шумо ягон гап бирасад.

Мирзоватан дарк кард, ки қарор қатъист, ба саҳна баромад. Ба устод Ҷӯрабек Муродов ташаккур гуфта, кӯтоҳ эълон кард:

- Навбат ба ҳофиз Қурбон Зардаков дода мешавад.

Тамоми стадион ором шуд, ин навигарӣ буд дар ҳаёти фарҳангии шаҳр. Қурбон Зардаков рубоб дар даст, чолокона давида ба саҳна баромад, ӯро одат ҳамин буд. Тамошобинон ҳанӯз ҳам ба худ наомада буданд.

Ӯ як суруд хонд, аз Аҳмади Ҷомӣ, таъзим карда, аз саҳна фуромад. Мардум акнун ба худ омаданд, қарсакзанӣ, ҳаёҳую зинда бод, ки хелехо боз аз шабнишиниҳо дур шуда буд, оғоз гашт. Онҳо Зардаковро дубора ба саҳна мехонданд. Мирзоватан Миров ба назди микрофон омада, хунарманди навбатиро эълон карданӣ буд. Аз ҳолати тамошобинон огоҳ шуда, баргашта Зардаковро ба саҳна хонд. Ба фикрам гӯшакӣ кард, ки як суруди дигар ҳам бихонад. Зардаков ба назди микрофон рафта, тибқи одати маъмулӣ таъзим кард ба шунаванда ва дубора аз саҳна поин шуд. Шӯру валвала боз оғоз ёфт. Мирзоватан, ки саҳнаро хуб идора карда метавонист, себора ӯро ба саҳна хонд. Ҳунарманди дӯстдоштанӣ ба назди микрофон омад, таъзими қаноатмандӣ кард ва гуфт:

- Дӯстони азиз, ҳамдиёрони гиромӣ, шумо ҳар вақт маро шунида метавонед, ман дар хидмати шумоям, вале ҳоло мо меҳмонони олиқадр дорем. Ҷӯрабек хонд, бигузор базми моро устодон Зафар Нозиму Одинаҷон Ҳошимов гарм бигиранд. Раҳмат ба Шумо.

Ӯ аз саҳна фуромаданӣ буд, боз кафкӯбиву ҳатто хуштаккашӣ оғоз ёфт. Ӯ гашта ба назди микрофон омад, боз таъзим кард. Сипас як дасташро боло бароварда, дар микрофон гуфт:

- Дӯстон, одобро риоя кунед, рафтори шумо барои меҳмонон беҳурматӣ ҳисоб мешавад.

Сипас, ба Зафар Нозим рӯй оварда, гуфт:

- Зафарҷон, шумо, ҳамаи ҳунармандони аз Душанбе омада имшаб меҳмони манед.

- Мо 120 нафарем,- гуфт Зафар Нозимов аз паҳлуи саҳна.

- Бигузор 300 кас бошед!

- Ҳамин қадари дигар моем,- гуфт Одина Ҳошимов.

- Шумо ҳам, баски намондед, ҳамаи нишастагони стадион меҳмони манед. Ман рафтам!

Шояд ҳамин суханҳои самимӣ ва даъват буданд, ки тамошобинон сокит шуданд. Эълони навбатӣ оромона гузашт, вале вақте ки рубоб дар дасти чап, дасти росташро ба боло бардошта дар саҳна устод Зафар Нозимов пайдо шуд, боз ҳамон таъкиди болоиро карданиам: тамоми мардум аз ҷо хестанд. Консерт то соати 1-и шаб идома ёфт.

Ман медонистам, ки Зардаков ҷиддӣ мегӯяд, бинобар ҳамин то ин вақт мудири шуъбаи маданияти шаҳр Абдулло Бобоевро, ки аз шогирдони асили Зардаков буд, огоҳ кардам, ки тамоми ронандагону мусиқанавозони ҳайатро барои рафтан ба хонаи Зардаков огоҳ кунад, тавонад худаш, натавонад каси дигарро равон кунад, ки асли ҳодисаро пешакӣ дар ҷояш бубинад, чанд касро бурдан мумкин аст.

Хонаи Зардаков дар деҳаи Боғи Ҳабиб, дар масофаи ҳамагӣ 4-5 км аз шаҳр дур воқеъ буд. Абдулло рафта ҳама корро ташкил карда, омада буд.

- Эҳ муаллим, гову гӯсфанди чандумро куштааст. Соати ёздаҳуним ба қабули меҳмонон тайёр аст.

Хулоса, баъди консерт ҳама, ҳатто ҳангомаҷӯёни тамошобин ҳам ба он ҷо рафтанд. На танҳо хонаи худаш, балки якчанд хонаи ҳамсоя барои нишаст омода шуда, тамоми мардуми деҳа дар хидмат буданд. Зиёфат давом мекард. Акаи Зафар ва Одина Ҳошимов дар по рост истода, чун мизбон хидмат мекарданд. Ҷӯрабек Муродов рубобро гирифта, суруд хонд.

- Ин туҳфа ба хонаводаи устод Қурбон Зардаков ва аҳли деҳ,- гуфт ӯ ва пешниҳод кард, ки ҳар кас як суруд бихонад.

Базми хонагӣ то соати чори субҳ идома ёфт. Охирин мошини меҳмононро соати 6 дар деҳаи Олимтойи охири ноҳияи Восеъ гусел намудем. Баъди рафтани меҳмонон эҳсоси хастагӣ мекардем, пойҳо барои рафтан ёро надоштанд.

Фардояш дар назди котиби кумитаи партиявии вилоят Робия Тағоева ҷамъомад доир гашт. Масъалаҳои умумии корӣ дар бораи фарҳанг буд, барои муваффақиятҳои консерт аз номи роҳбарияти вилоят ба ҳама ташаккур баён кард.

Маҷлис ба охир расид. Вақти баромадан Тағоева гуфт:

- Ту як лаҳза ин ҷо бимон, Саидҷалол!

Ҳама рафтанд, ӯ номаи шикоятиеро ба дастам дода, гуфт:

- Бихон, баъд мегӯям чӣ кор кун.

Ҳамин вақт дар тақ-тақ шуд.

- Дароед!,- хитоб кард Робиа Аллаёровна.

Дар кушода шуд ва бошитоб Одина Ҳошимов ба назди муаллима омад.

- Апа, ин одам ана ҳамин қадар ҳам гуноҳ надорад,- нӯги ангушти ишоратии худро нишон дода, гуфт ӯ.- Ҳамааш айби ман аст.

- Чӣ айб, акаи Одина?

- Ҳамон консерти дирӯзаро мегӯям, баромади Қурбон Зардаковро дар назар дорам.

- Хайр, баъд чӣ шудааст?

- Охир, бе иҷозати шумо... Ӯро ман илтимос кардам,- гуфт Одина Ҳошим маро нишон дода.- Боз бачаи бечораро ҷанҷол накунед?

- Ҳа, фаромӯш кардам бипурсам, ин идеяи кӣ буд?

- Гапи ман, хоҳиши меҳмони азизамон Зафар Нозимов. Эҳ, апа, медидем, Ҷӯрабек Муродов чӣ қадар хурсанд шуд. Ӯ акаи Қурбонро бо хамаи мо ба зодгоҳаш даъват кард.

- Агар худат хоста бошӣ, ин хостаи мо. Ҳеҷ гап не, мухлисонаш ҳақиқатан ӯро дӯст медоштаанд.

Мо бо акаи Одина ба берун омадем.

- Хайрият, масъала ин хел анҷомид. Вагарна штат-пштати роҳбари адабӣ надорем. Пули як тӯй ҳам хеле гарон меафтод. Лекин мову ту гӯё “каллаи пӯсида”-ро зинда кардем, ҳамон наът ба ёдат ҳаст?

- Оре,- гуфтам.

Ӯ рафт. Ман дар фикр афтодам.

Даҳ сол боз Қурбон Зардаков аз саҳна дур монда буд. Ба ман мегуфтанд, ки ин хоҳиши Одина Ҳошимов асту дастгирии Робиа Тағоева. Ҳоло фаҳмидам, ки онҳо дар дил заррае бадбинӣ ба ин ҳунарманд надоранд, вале кӣ буд ҳамон аҳриман, ки пушти парда ҳамин саҳнаро эҷод мекард? Баъд аз ин саҳнаи ҳунари Қурбон Зардаков дубора эҳё гашт. «Шоҳномахонӣ» ва «Ҳофизнома»-и ӯ асарҳои мукаммали саҳнавӣ буданд, дар этнографияи мардуми водӣ ва миллати тоҷик навигарӣ дохил гашт.

Саидҷалол САИДЗОДА,
публитсист

Тақвими ТОҶИКИСТОН

24-УМИ АВГУСТ

ЮСУФҶОН НОСИРОВ (1932-2007), 90-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, академик, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

ЭШБЕК САТТОРОВ (1907-1975), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

КУЙБЕК ШАРИФЗОДА (1957), 65-солагии зодрӯзи журналист.

25-УМИ АВГУСТ

ЛАТИФ КАМОЛОВ (1952), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

РАУФ РОФИЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзии олими соҳаи тиб.

26-УМИ АВГУСТ

СЕРГЕЙ БАЛАСАНЯН (1902-1982), 120-солагии зодрӯзи композитор, Артисти халқии Тоҷикистон, Артисти халқии Россия.

ЗАФАР УСМОНОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академик, Арбоби илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

ЮЛДОШ ШОҲКАРИМОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ ва ҳизбӣ.

МАВЗУНА ШАРОФУДДИНОВА (1967), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

27-УМИ АВГУСТ

ҒАФФОР МЕНГНИЁЗОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогӣ, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ.

ҲИКМАТ ЮСУФОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи забоншинос, олими соҳаи филология.

ЗАФАР УСМОНОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математека, профессор, арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи ба номи Сино.

КАРИМ ҶУРАЕВ (1927), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ.

МОҲИРА ҚАРАХОНОВА (1957), 65-солагии зодрӯзи шоир.

28-УМИ АВГУСТ

САФАР ШОҲСАИДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

МАВЛОН УЗОҚОВ (1927-2006), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

САЪДУЛЛО АБДУЛАЗИЗОВ (1932-1978), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

29-УМИ АВГУСТ

НУЪМОНҶОН ТОШТЕМУРОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

САНОАТ БОЗОРОВА (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

ЗИЁДУЛЛО АБДУҶАЛИЛОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ.

ШУКУР АБДУЛЛОЕВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика, Корманди шоистаи илми ҷумҳурӣ.

30-ЮМИ АВГУСТ

РАЪНОХОН ВАҲҲОБОВА (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кимиё, узви вобастаи Академияи байналхалқии муҳандисии Тоҷикистону Россия.

АЛИМАРДОН ЭШОНҚУЛОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодӣ.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ШИКАСТИ АВВАЛИНИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР МАВСИМИ НАВ

Дар Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ «Истиқлол»-и Душанбе, ки бо далели ширкат дар Лигаи чемпионҳои Осиё бозиҳояш мавқуф монда шуда буданд, ҳам бозии даври навбатӣ ва ҳам бозии даври аввалро дар ҳафтаи гузашта баргузор кард.



Дар бозии мавқуфмондаи даври якум "Истиқлол" аз КМВА бо ҳисоби 1:0 мағлуб шуд. Голро Хуршед Абдуллоев дар дақиқаи 79-ум зад. Ин аввалин бохти "Истиқлол" дар чемпионати имсола мебошад. Дар бозии охирини даври сездаҳум "Истиқлол" бар "Хатлон" бо ҳисоби 1:0 ғолиб шуд. Голи ягонаро Муҳаммадчон Раҳимов дар дақиқаи 29-ум зад. КМВА дар ҳамин давр бо "Истаравшан" мусовӣ (1:1) бозӣ кард. Дар охири нимаи якуми бозӣ футболбози артиш Вайсиддин Сафаров ҳисобро кушод. Ба голи задаи ӯ истаравшаниҳо дар дақиқаи 57-ум ҷавоб доданд, ки онро Амирчон Сафаров ба ҳадаф расонд.

Дар бозии дигар дастаи "Регар-ТадАЗ" аз "Файзканд" бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрд. Голи ягонаро Жозеф Феумба ба номаш сабт кард. "Файзканд"-и Восеъ пас аз ин пирӯзӣ бо 21 имтиёз ба ҷойи аввали ҷадвали чемпионат баромад.

"Равшан"-и Зафаробод дар бозии хонагӣ ба дарвозаи "Эсхата" ду голи бечавоб зад. Ҳисобро Парвизчон Деҳқонов дар дақиқаи 66 кушод, ҳамдастааш Ҷаҳонгир Алиев дар дақиқаи 88 ҳисобро афзуд.

"Равшан"-и Кӯлоб дар майдони худ аз "Хуҷанд" бо ҳисоби 2:3 мағлуб гардид. Дар ҳайати "Хуҷанд" голҳоро Сергей Сканян, Ҷаҳонгир Эргашев ва Тоҳир Малодӯстов заданд. Ду голи дастаи мизбонро Ромиш Ҷалилов ва Абдухалил Боронов ба номашон навиштанд.

Бозиҳои даври навбатӣ рӯзҳои 2, 3 ва 4-уми сентябр баргузор мешаванд. Дар даври 14-ум 2-юми сентябр "Эсхата" бо "Регар-ТадАЗ", 3-юми сентябр "Истаравшан" бо "Равшан"-и Зафаробод, "Равшан"-и Кӯлоб бо КМВА ва 4-уми сентябр "Хуҷанд" бо "Хатлон", "Файзканд" бо "Истиқлол" вомехӯранд.

ҶОМИ КФО

«ХУҶАНД» АЗ «СУҒДИЁН» БО ҲИСОБИ БУЗУРГ МАҒЛУБ ШУД

Дар варзишгоҳи «20-солагии истиқлоли Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд бозии финалии минтақаи марказии Ҷоми КФО-2022 миёни дастаҳои «Хуҷанд» (Тоҷикистон) ва «Суғдиён» (Ӯзбекистон) баргузор шуд.

Ҳанӯз дар қисми якуми бозӣ дастаи меҳмонҳо бо задани се гол ба дарвозаи «Хуҷанд» бартарии худро таъмин карданд. Ҳисобро дар дақиқаи 13-ум Ҷасур Ҳасанов кушод. Сипас, дар дақиқаи 21-ум боз ҳам Ҷасур Ҳасанов ба дарвозаи Шоҳрух Қирғизбоев гол зад. Дар дақиқаи 30-юм Шоҳрӯз Норхонов голи сеюми дастаашро ба ҳадаф расонд.

Ҷавоҳир Қаҳрамонов дар қисми дуюм, дар дақиқаи 79-ум голи чоруми дастаи «Суғдиён»-ро зад. Ҳамин тавр «Хуҷанд» ширкати худро дар Ҷоми КФО-2022 ба охир расонида, «Суғдиён» иштироки худро идома медиҳад.

ЧУДО

МЕДАЛИ БИРИНҶИИ ДАСТАИ ТОҶИКИСТОН

Дар Бозиҳои 5-уми ҳамбастагии исломӣ дар шаҳри Қунияи Туркия тими ҷудои Тоҷикистон дар сабқати даставӣ соҳиби медали биринҷӣ шуд.

Дасти мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати Шодмон Ризоев, Ҷаҳонгир Маҷидов ва Комроншоҳи Устопириён майдондорӣ кард. Дар қувваозмоиҳои даставӣ тими ҷудои Тоҷикистон нахуст бо тими ҷудои Ӯзбекистон бояд сабқат мекард, вале паҳлавонони ӯзбекистонӣ аз рақобат даст кашиданд. Дар чорякфинал паҳлавонони мо бар дастаи Сенегал ғолиб омаданд, вале дар нимфинал аз тими Озарбойҷон шикаст хӯрданд. Сипас дар қувваозмоӣ барои ҷойи сеюм дастаи Қазоқистонро мағлуб карданд.

Паҳлавонони Тоҷикистон дар мусобиқаи инфиродии ҷудо 3 медал (1 нуқра ва 2 биринҷӣ) ба даст оварданд. Медали нуқраро паҳлавони маъруфи кишвар Комроншоҳ Устопириён дар вазни -90 кг сазовор шуд. Медалҳои биринҷиро Шодмон Ризоев дар вазни -81 кг ва Абубакри Акобир дар вазни -100 кг ба даст оварданд.

Шумораи медалҳои паҳлавонони Тоҷикистон ба 4 адад расид.



ФУТБОЛ

ШИРКАТИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН



Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии сармураббии нав Раҳматулло Фузайлов дар мусобиқаи байналмилалӣ ба хотираи собиқ президенти Ассотсиатсияи футболи Ӯзбекистон Мираброр Усмонов ширкат дорад.

Дар мусобиқаи гиромидошти хотираи Усмонов, ки аз 22 то 27-уми август дар шаҳри Тошканд баргузор мешавад, тимҳои наврасони Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Эрон ва Ҷопон ширкат мекунанд. Мусобиқа аз рӯи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешавад. Бозиҳо дар варзишгоҳҳои «Ҷар», «Локомотив» ва «Пахтакор» сурат мегиранд.

Наврасони Тоҷикистон дар бозии аввал аз дастаи Ҷопон бо натиҷаи 0:2 шикаст хӯрданд. Дар бозии дигари даври аввали мусобиқаи гиромидошти хотираи Усмонов дастаҳои наврасони Ӯзбекистон ва Эрон мусовӣ карданд - 1:1.

Ширкат дар мусобиқаи мазкур барои наврасони мо марҳилаи омодагӣ ба бозиҳои интихобии Ҷоми Осиё-2023 ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) дар гуруҳи «Н» бозӣ мекунад. Рақибони дастаи мо тимҳои наврасони Афғонистон, Тимори Шарқӣ ва Муғулистон хоҳанд буд. Бозиҳои интихобӣ дар гуруҳи «Н» аз 5 то 9-уми октябр дар шаҳри Душанбе баргузор мешаванд.

НАТИҶАИ ҶАЛАСАИ КУМИТАИ НАЗОРАТӢ-ИНТИЗОМИИ ФФТ

23-юми август дар қароргоҳи Федератсияи футболи Тоҷикистон таҳти раёсати Тоҳир Нурзода ҷаласаи Кумитаи назоратӣ-интизомӣ баргузор гардид, ки дар он қонуншиканиҳо дар ҷараёни бозиҳои Лигаи футболи Тоҷикистон ва Лигаи футзали кишвар баррасӣ шуданд.

– Барои вайрон кардани талаботи моддаи 6 банди 1-и Кодекси интизомии ФФТ ҳангоми бозии Coca-Cola-чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи олӣ «Истиқлол» – «Хатлон» (21 август), сармураббии тими «Хатлон» Аслиддин Ҳабибуллоев барои рафтори ғайриахлоқӣ, нодуруст ва ғайриварзишӣ аз 2 бозӣ маҳрум карда шуд.

– Барои риоя накардани талаботи моддаи 5, банди 6-и Кодекси интизомии ФФТ дар бозии Coca-Cola-чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи олӣ «Истиқлол» – «Хатлон» (21 август), тими «Хатлон» барои худсарона аз майдон берун шудан дар ҳаҷми 1000 сомонӣ ҷарима баста шуд.

– Барои вайрон кардани талаботи моддаи 5, бандҳои 12 ва 13-и Кодекси интизомии ФФТ, дар бозии Coca-Cola-чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи олӣ «Равшан» (Кӯлоб) – «Хуҷанд» (21 август), дастаи «Равшан» (Кӯлоб) барои таъмин накардани тартиботи ҷамъиятӣ дар варзишгоҳ ва риоя накардани талаботи низомномаи мусобиқа, ба маблағи 1000 сомонӣ ҷарима баста шуд.

– Барои вайрон кардани моддаи 7 банди 19-и Кодекси интизомии ФФТ дар бозии Coca-Cola-чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи якум «Моҳир» – «Сарҳадчӣ» (19 август), бозигари тими «Моҳир» Наимҷон Почохонов барои гуфтани суханони қабеҳ нисбати масъулини воҳӯрӣ аз 3 бозӣ маҳрум ва 250 сомонӣ ҷарима баста шуд.

– Барои вайрон кардани талаботи моддаи 7 банди 25-и Кодекси интизомии ФФТ дар бозии чемпионати Тоҷикистон байни дастаҳои лигаи якум «Динамо» – «Панҷшер» (19 август), бозигари тими «Панҷшер» Зайниддин Янгибеков барои вайронкунии ҷиддии қоидаҳои бозӣ аз 3 воҳӯрӣ маҳрум ва ба маблағи 250 сомонӣ ҷарима карда шуд.

– Барои вайрон кардани талаботи моддаи 7 банди 22-и Кодекси интизомии Лигаи футзали Тоҷикистон дар бозии Суперлигаи Тоҷикистон-2022 «Равшан» (Кӯлоб) – «Истиқлол» (20 август), бозигари тими «Истиқлол» Алӣ Иброҳимӣ бо сабаби вайронкунии ҷиддии қоидаҳои бозӣ аз ҳаққи ширкат дар 2 воҳӯрӣ маҳрум ва 300 сомонӣ ҷарима баста шуд.

– Барои вайрон кардани моддаи 7 банди 22-и Кодекси интизомии Лигаи футзали Тоҷикистон дар бозии Суперлигаи Тоҷикистон-2022 «Истаравшан» – «Самандар» (14 август), бозигари тими «Истаравшан» Баҳодур Хочаев барои вайронкунии ҷиддии қоидаҳои бозӣ аз ҳаққи ширкат дар 2 воҳӯрӣ маҳрум ва 300 сомонӣ ҷарима карда шуд.

ШАКАРХАНД

Раддия

Зане шавҳарашро дар хиёнат айбдор мекунад. Мард бо раддия ба ӯ изҳори садоқат мекунад:

- Аввалин ишқам ту будӣ,
Охиринаш ҳам ту бошӣ.

Ва илова мекунад:

- Илтиҷо мекунам, занак, ба мобайнаш кордор нашав!

Шиква

Зане ба дугонааш арзи дил мекунад:

- Фотима, тасаввур мекунӣ, ман аксамро ба маҳфили “Нафарони танҳо” фиристодам.

Фотима мегӯяд:

- Хайр, чӣ ҷавоб доданд?

Зан мегӯяд:

- Аз маҳфил аксамро бозпас гардонида, гуфтанд, ки онҳо то ба ин андоза танҳо нестанд.

Қасос

Зан ба шавҳараш мегӯяд:

- Ман бо ту ба ҳеҷ кучо наменравам!

Шавҳар ҳайрон шуда:

- Ин тавр бошад, барои чӣ либоси наватро пӯшида, худро орову торо додай?

Зан мегӯяд:

- Барои он ки ту бубинӣ, ки чунин зебосанам ҳамроҳат ба ҳеҷ кучо рафтан нахост.

Маслиҳат

Ҷавоне дар ҳолати мастӣ кӯшиши ба бинои истиқоматӣ ворид шуданро мекунад, вале бо душворӣ як қадам ба пеш мегузораду се қадам ба қафо. Пиразане дурудароз ҳолати ӯро назора намуда, мегӯяд:

- Писарам, ту беҳтараш акибонакӣ рав, зудтар ба хонаат мерасӣ!

Одат

Тифле дар дохили мошин гиря мекунад. Модараш ба ронанда мегӯяд:

- Ягон гап гуфта, ӯро тарсонед, ки хап кунад.

Ронанда ба тифл мегӯяд:

- Хап кун, вагарна очаатро мебӯсам!

Зан дар ҷавоб мегӯяд:

- Ин писари ман як одат дорад, то бо чашм набинад, бовар намекунад.

Посух

Духтарчаи 4-солае дар таксӣ бо лаззати зиёд қанд мехӯрад. Марди ҳамсафар ба ӯ нигариста, мегӯяд:

- Магар намедонӣ, ки қанд ба саломатӣ зарар дорад?

Духтарак ба мард нигариста, мегӯяд:

- Бобоям, Худо раҳматаш кунад, 115 сол умр дида буд!


Мард бо тааҷҷуб мепурсад:

- Бо сабаби қанд хӯрдан?

Духтарак мегӯяд:

- Не, бобоям ҳамеша бо кори худаш банд буду ба дигарон коре надошт!

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



-Набзи дилатон нағз! Канӣ набзи кисаатонро санҷам.



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

КАЙ ОЗМУНИ ҲУНАРМАНДОН ДОИР МЕШАВАД?

Ман ҳунарманд ҳастам ва бофандагӣ мекунам. Мегӯянд, ки дар шаҳри Душанбе барои ҳунармандон озмун баргузор мешавад. Ин озмун кай баргузор мегардад ва киҳо ҳақи иштирок карданро доранд?

МУНИРА,
сокини шаҳри Душанбе

Тавре мақомоти шаҳри Душнабе хабар доданд, озмуни «Ҳунарманди сол» дар шаҳри Душанбе аз рӯи 6 номина: кандакорӣ-дуредгарӣ, дӯзандагӣ, нақкошӣ-рассомӣ, кулолгарӣ-аъчубасозӣ, бофандагӣ ва коркарди металл баргузор мегардад. Дар ин бора қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расидааст.

Озмуни мазкур 26-уми август доир шуда, ҳадаф аз он бедор намудани ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарғибу ташвиқи либосҳои миллӣ, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат, ба насли оянда мерос гузоштани ҳунарҳои аҷдодӣ ва муаррифии ҳунари волои халқи тоҷик мебошад.

Ҳайати ҳакамон ғолибонро муайян намуда, бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ менамоянд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 7000 нафар ҳунарманд фаъолият доранд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН